ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ЧАРО БАРОИ МО МУҲИМ АСТ? с. 5

МУЪҶИЗАИ ОҲАНГИ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ с. 4

ПАДАР ДАР ХОТИРАҲОИ ПИСАР с. 7

ТОҶИКИСТОН

№ 20 (1684), 20.05.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



БОЗГАШТИ ҚАҲРАМОНОН БА ВАТАН

Ҷанозае, ки баъди 90 сол хонда шуд





ДАР ИН ШУМОРА:

ЁДНОМА

“Тофтаи ҷудобофта” с.6

НИГОҲИ ҲАМАСРОН

Аз Турсунзода то Акбари Турсон с.8

ҶАШНВОРА

Бузургдошти Лоиқ Шералӣ дар Панҷакент с.10

ХОТИРА

Таърихи як акси нодир с.11

АБРЕШИМИ ДӮСТӢ

Пули адабӣ байни Чину Тоҷикистон с.13

ЛУТФ

Маст бошу бош! с.15

ИҚДОМ

Шумораи махсуси «Тоҷикистон» чоп шуд с.10

ҒОЛИБ ИСЛОМОВ:

Бахилӣ дар ҳама соҳа ҳаст! с.2

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.







19-УМИ МАЙИ СОЛИ РАВОН МУШТЕ АЗ ХОКИ ҚАҲРАМОНОНИ ТОҶИКИСТОН - НУСРАТУЛЛО МАХСУМ, ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР ВА СИЁСАТМАДОР НИСОР МУҲАММАД БА ВАТАН ОВАРДА ШУД. ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ЗАРФҲОЕРО, КИ ХОКИ ТУРБАТИ ИН СЕ ЧЕҲРАИ ТАЪСИРГУЗОРИ ТАЪРИХИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОНҲО БУД, ДАР ФУРУДГОҲИ ДУШАНБЕ ҚАБУЛ КАРД ВА БА ОНҲО АДОИ ЭҲТИРОМ НАМУД.

ПОРАИ ХОКЕ, КИ РАМЗИ ЭҲТИРОМ ДОРАД

Нахуст, рӯзи 18-уми май дар шаҳри Маскав вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷии Русия Сергей Лавров мулоқот намуданд. Ҷонибҳо дар баробари баррасии масоили ҳамкории ду кишвар иштирок дар маросими қабули капсулаҳои хок аз маҳали дафни Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммадро баррасӣ карданд.

Тавре таъкид мешавад, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад аз чеҳраҳои барҷастаи таърихи давлатдории тоҷикон ба шумор мераванд. Онҳо соли 1937 дар давраи таъқибҳои сиёсӣ ва репрессияҳои сталинӣ бо иттиҳомҳои сохта ҳамчун “душмани халқ” боздошт ва дар канори шаҳри Маскав ба қатл расонида шудаанд. Ҷасадҳои онҳо дар қабрҳои дастаҷамъии оромгоҳи Донскойи Маскав ба хок супурда шудаанд. Аммо пас аз марги Сталин, дар солҳои 1950-ум ҳар се расман бегуноҳ эътироф карда шуданд.


САРИ САБЗ



Ғолиб ИСЛОМОВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Бахиливу нотавонбинӣ дар ҳама соҳа ҳаст, вале аҳли ҳунар ба дил мегиранд ва зуд дилозурда мешаванд. Мутаассифона, тӯли 55 соли кор ҳолатҳое буданд, ки маро водор ба рафтан мекарданд, вале шукр, ки тасмими ҷиддӣ нагирифтам ва ҳоло ҳам кор мекунам.

- Агар махфӣ набошад, сабабгорони он ҳолатҳо киҳо буданд: аз дигар соҳаҳо ё худи аҳли ҳунар? Чун, нагуфтед, ки аҳли ҳунари зудранҷ аз намояндагони кадом соҳа озурда мешаванд...



Рисолатхон ИМОМОВА,
варзишгар дар риштаи дастхобонӣ

- Бисёре аз волидон дастхобонӣ ва вазнбардорӣ (пауэрлифтинг)-ро барои духтарон мувофиқ намедонанд ва монеи онҳо мешаванд. Ман ният дорам оянда дар мусобиқаҳои байналмилалӣ на танҳо аз рӯи дастхобонӣ, балки дар намуди вазнбардорӣ низ нерӯсанҷӣ кунам.

- Ба пеш ва фақат ба пеш! Шояд ин қабил волидон аз ояндаи духтаронашон хавф мебаранд, ки дасти шавҳарро нашикананд ё ӯро бардоштаву аз ошёнаи баланд ба поён ҳаво надиҳанд.



Латиф НОЗИМӢ,
шоири муосири форсизабон

- Чанд сол қабл дӯстон ба ман пешниҳод карда буданд, ки як докторӣ аз Тоҷикистон низ бигирам. Банда он замон аллакай унвони докторӣ доштам. Вале бо вуҷуди ин, мавзуъ гирифтам ва рисоларо навиштам, аммо барои дифоъ омада натавонистам ва ин кор амалӣ нашуд...

- Ҷойи афсӯс хӯрдан ва ҳеҷ ишколе надорад, ҷаноби доктор. Ҳамон рисолаи навиштаатонро ба ягон дӯсти тоҷикистониатон туҳфа кунед, то дар такмил додани корҳои илмияш истифода бубарад.


Эй қаҳрамоншаҳидон, васли Ватан муборак,
Аз хоки поки Меҳан, атри кафан муборак.

Рустам ВАҲҲОБЗОДА




БОЗГАШТИ ҚАҲРАМОНОН БА ВАТАН

Ҷанозае, ки баъди 90 сол хонда шуд


НУСРАТУЛЛО МАХСУМ


ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР


НИСОР МУҲАММАД

НУСРАТУЛЛО МАХСУМ КИСТ?

Нусратулло Махсум нахустин раҳбари давлати Тоҷикистон ва яке аз асосгузорони давлатдории муосири тоҷикон ба шумор меравад. Ӯ соли 1881 дар деҳаи Чашмаи Қозии Қаротегин, ҳудуди Аморати Бухоро таваллуд шудааст.

Нусратулло Махсум дар солҳои ҷавонӣ дар шаҳрҳои Қуқанду Фарғона кор карда, дар ҳаракатҳои коргарӣ ва инқилобии солҳои 1905-1907 иштирок намудааст. Баъди Инқилоби Бухоро соли 1920 ба сафи муборизони ҳокимияти Шуравӣ пайваста, дар мубориза зидди босмачигарӣ дар Ғарм ва Душанбе саҳм гузошт.

Соли 1926 раиси Комитети Ичроияи Марказии ҶМШС Тоҷикистон интихоб шуд ва баъди таъсиси ҶШС Тоҷикистон аз соли 1929 то соли 1933 раҳбари олии ҷумҳурӣ буд. Ӯ дар ташаккули Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мустақил дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ нақши муҳим бозидааст.

Фарзандони Нусратулло Махсум Хайринисо, Файзиниссо, Мунавваршо, Анваршо, Хосиятмоҳ, Акбаршо, Музаффаршо мебошанд.

Соли 1937 Нусратулло Махсум бо иттиҳомҳои сохтаи “миллатгароӣ” ва “фаъолияти зиддиинқилобӣ” боздошт ва дар шаҳри Маскав ба қатл маҳкум шуд.

Дар давраи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши Нусратулло Махсум дар таърихи кишвар аз нав арзёбӣ гардида, ба ӯ унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд, номи ӯ ба муассисаҳо ва кӯчаҳо гузошта шуда, дар таърихнигории миллӣ ҳамчун яке аз бунёдгузорони давлатдории тоҷикон эътироф гардид.

ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР КИСТ?

Шириншоҳ Шоҳтемур яке аз сиёсатмадорони маъруфи тоҷик ва аз асосгузорони Тоҷикистони Шуравӣ ба шумор меравад. Ӯ 1-уми декабри соли 1899 дар деҳаи Поршиневи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Ҳангоми 8-9-сола буданаш падару модараш вафот мекунанд. Аз сабаби камбизоатӣ ӯ маҷбур мешавад, ки дар овони наврасӣ дар гурӯҳи марзбонии русҳо чун коргари одӣ ба кор дарояд. Ҳамзамон дар интернат таҳсил карда, забони русиро хуб меомӯзад.

Аз соли 1914 ба баъд Шириншоҳ Шоҳтемур барои кору таҳсили илм тарки зодгоҳ намуда, ҷаҳонбинии худро васеъ менамояд. Аз соли 1921 ба корҳои ҳизбию давлатии шуравӣ ҷалб шуда, дар баркарор намудани ҳокимияти нав дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ фаъолона иштирок мекунад. Пас аз таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Шириншоҳ Шоҳтемур узви Кумитаи инқилобии Тоҷикистон таъйин гардида, ба Душанбе ба кор фиристода шуд ва дар ташкил кардани мақомоти ҳизбию ҳукуматии ҷумҳурии навтаъсис саҳми арзанда гузошт.

Шириншоҳ Шоҳтемур яке аз он шахсоне буд, ки барои таъмини ҳуқуқи тоҷикон фаъолона мубориза бурд ва намунаи барҷастаи ин гузориши ӯ ба номи Иосиф Сталин дар бораи вазъияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ аз моҳи июни соли 1926 мебошад.

Охири соли 1933 раиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон интихоб гардид. Шириншоҳ Шоҳтемур дар муттаҳидсозии сарзаминҳои тоҷикнишин, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва рушди матбуоту маорифи тоҷик нақши муҳим бозидааст. Бо ташаббуси ӯ соли 1924 нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар Туркистон - «Овози тоҷик» дар шаҳри Самарқанд ба нашр расид. Ин рӯзнома барои дифои забони тоҷикӣ ва бедории миллӣ хизматҳои калон анҷом дод. Ҳамчунин, ӯ дар нашри аввалин китобҳои дарсӣ ва ба роҳ мондани таълим ба забони тоҷикӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар солҳои 20-уми асри гузашта дар сохторҳои давлатии ҶМШС Туркистон фаъолият карда, узви Кумитаи инқилобии тоҷик низ буд.

Дар авҷи маъракаи таъқиботи сталинӣ 9-уми июли соли 1937 дар Москва ба ҳабс гирифта шуда, 21-уми октябри ҳамон сол дар асоси парвандаи ҷиноятии сохта бо гуноҳи иштирок дар ташкилоти миллатгароии зиддишуравӣ ҳукми қатл гирифт.

Соли 1956 Коллегияи ҳарбии Суди Олии Иттиҳоди Шуравӣ ҳукми соли 1937 боровардаро нисбат ба Шириншоҳ Шоҳтемур бекор намуда, парвандаро барои надоштани унсурҳои ҷиноятӣ қатъ намуд. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хизматҳои Шириншоҳ Шоҳтемур дар таърихи кишвар қадрдонӣ ва ба ӯ унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд ва номи ӯ ба кӯчаҳо, муассисаҳо ва ёдгориҳо гузошта шуд.

НИСОР МУҲАММАД КИСТ?

Нисор Муҳаммад яке аз нахустин маорифпарварон ва поягузорони соҳаи маорифи Тоҷикистон ба шумор меравад. Ӯ соли 1897 дар вилояти Пешовари Покистони имрӯза ба дунё омада, аз овони ҷавонӣ дар ҳаракатҳои озодихоҳии Ҳиндустон ва Афғонистон фаъолона иштирок кардааст.

Соли 1920 ба шаҳри Тошканд омада, ба кори таълиму тарбия машғул шудааст.


Нисор Муҳаммад ҳамчун аввалин вазири маорифи Тоҷикистон дар таъсиси мактабҳои тоҷикӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ ва омода кардани омӯзгорони маҳаллӣ саҳми назаррас гузошт. Ӯ ҳамчунин аввалин ректори Дорулмуаллимини тоҷик дар Тошканд буд. Дар солҳои тақсимоти миллию марзии Осиёи Миёна Нисор Муҳаммад дар баробари Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур барои ҳифзи ҳуқуқ ва ҳувияти миллии тоҷикон мубориза бурдааст. Ӯ муаллифи чандин китобу мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла «Алифбо», «Роҳнамои ҳисоб» ва «Тоҷикон дар роҳи ҳақиқат» мебошад. Соли 1937 Нисор Муҳаммад бо иттиҳомҳои сохта боздошт ва тирборон карда шуд. Имрӯз номи ӯ ҳамчун рамзи маърифат, давлатдорӣ ва худшиносии миллӣ бо эҳтиром ёд мешавад.



ҶАНОЗА БАЪДИ 90 СОЛ

Мушти хок аз турбати Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нисор Муҳаммад рӯзи 19-уми май аз Фурудгоҳи Душанбе нахуст ба масҷиди Имом Абӯ Ҳанифаи шаҳри Душанбе интиқол дода шуд. Дар ин ҷо барои ҳар се қаҳрамон намози ҷаноза хонда шуд. Муфтии Тоҷикистон Саидмукаррам Абдулқодирзода дар намози ҷаноза гуфт, ки “нахуст, ин се нафар шаҳид ҳастанд”. “Баъдан, дар соли 1937 вақте инҳо кушта шуданд, бе намози ҷаноза дафн шуда буданд”,- гуфт номбурда. Ҳамин тавр, пас аз қариб 90 соли даргузашт ҷанозаи ин се бузургмард хонда шуд. Пасон дар оромгоҳи “Лучоб” маросими дафни рамзии ин чеҳраҳои маъруфи таърихи Тоҷикистон бо иштироки намояндагони ҳукумат, аҳли зиёи кишвар ва пайвандони онҳо баргузор шуд. Гулчеҳра Нусратуллоева набераи бузурги Нусратулло Махсум аст. Ӯ зимни суҳбат бо хабарнигорон изҳор дошт, ки фазои маросим ӯро сахт эҳсосотӣ кард. “Хаёл кардам, ки бобоям нав аз дунё гузаштаасту имрӯз маросими ҷаноза ва дафни ӯ баргузор мешавад”,- гуфт ӯ.

Усмон РАҲИМЗОДА



«АГАР...» МУСИҚӢ ВА СУХАН БО РӮҲИ МИЛЛАТ ҲАМНАВО БОШАД...

АЗ ПАЙРОҲА ТО ШОҲРОҲ

“Шом парда ба рӯйи рӯшноӣ мекашид. Баъд аз суҳбати тӯлонӣ бо падар қалби Толибхон андаке таскин ёфт. Бори аввал буд, ки авроқи зиндагиашро як ба як варақ зад, лаҳзаҳои шукуфоӣ, сукутҳои тӯлонӣ, бурдҳо ва бохтҳоро пеши назар овард. Албатта, ин роҳ ноҳамвор буд ва ҳамвор ҳам буда наметавонист, чунки, агар роҳи эҷодкор тахту ҳамвор бошад, ӯ наметавонад аз пайроҳа шоҳроҳ бунёд кунад... Ногоҳ дар хотираш оҳанге бедор шуд. Оҳанге, ки маънии зиндагии ӯ буд, мисли муноҷот, мисли дуо...”.

“АГАР...” - ГУФТУГӮИ РӮҲОНИИ ПАДАРУ ПИСАР

Ин пора аз китоби нави журналист ва публитсисти шинохтаи тоҷик Шарифи Ҳамдампур бо номи “Агар...” мебошад, ки ба зиндагиномаи ду бастакори барҷастаи тоҷик - Зиёдулло Шаҳидӣ ва писараш Толибхон Шаҳидӣ бахшида шудааст. Китоб як навъ гуфтугӯи рӯҳонии падару писар буда, саволи марказии он “Агар...” тарозуи ботиниест, ки бо он инсон роҳи тайкардаашро месанҷад.

Маросими рӯнамоии китоб бо иштироки аҳли илму адаб ва фарҳангу ҳунар дар Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ баргузор гашта, дар маҳфил ҳамчунин меҳмонон аз Амрико, Русия ва дигар кишварҳои хориҷӣ ширкат доштанд.

КИТОБЕ, КИ ХОТИРАИ ТАЪРИХИИ МИЛЛАТРО ЗИНДА МЕСОЗАД

Камолиддин Сайфиддинзода директори Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ба маҳфил хусни ифтитоҳ бахшида, дар бораи хизматҳои шоёни Толибхон Шаҳидӣ дар рушди санъати мусиқии касбии тоҷик ва нақши китоби “Агар...” дар муаррафии ин композитори мумтоз сухан гуфт.

Пас аз ин, адабиётшиноси маъруф Абдунабӣ Сатторзода, профессор Муҳиба Ёқубова, духтари зиндаёд Пӯлод Толис оҳангсоз Лола Толис, раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон Амирбек Мӯсоев, журналист ва публитсист Наҷмиддин Шоҳинбод, ҳамсари Толибхон Шаҳидӣ - Гулсифат Шаҳидӣ ва дигар меҳмонони олиқадр назарашонро дар боби арзиши маънавии китоб ва ҷойгоҳи он дар адабиёти муосири тоҷик баён намуданд. Зикр карда шуд, ки ҳарчанд романи “Агар...” ба ҳаёту эҷодиёти ду бастакори маъруфи тоҷик Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ бахшида шуда бошад ҳам, ҳадафи муаллиф танҳо бозгӯйи достони зиндагии падару писар набуда, дар он қиссаҳои ҷолиб дар бораи чеҳраҳои дигари саршиноси фарҳанг, адабиёт ва олами мусиқии тоҷик гирд оварда шудаанд, ки ба хотираи таърихии миллат табдил ёфтаанд.

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ АМРИКО ВА АВРУПОРО БО МУСИҚИИ ТОҶИК ОШНО КАРД

Дар чорабинӣ ҳамчунин дирижёри маъруфи амрикоӣ Хобарт Эрл иштирок намуда, назарашро дар боби арзиши маънавию бадеии асарҳои Толибхон Шаҳидӣ ва нақши оҳангсоз дар муаррифии мусиқии тоҷик дар Аврупо ва Амрико баён кард. Мавсуф аз ҷумла зикр намуд, ки ин оҳангсози маъруфи тоҷик натанҳо дар рушди мусиқии миллӣ нақши бориз дорад, балки дар мусиқии ҷаҳонӣ низ саҳми арзандаи худро гузоштааст. Туфайли асарҳои таъсирбахши Толибхон Шаҳидӣ дӯстдорони мусиқӣ дар Арвупо ва Амрико аз муъҷизаи мусиқии тоҷик бохабар ва шефтаи санъати тоҷик гаштаанд.

БАЗМИ СУХАН ВА САВТУ НАВО

Дар рафти чорабинӣ пораҳо аз симфонияҳо ва асарҳои Толибхон Шаҳидӣ дар ичрои ҳунармандони Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ садо доданд.

Журналистони ҷавон Лайло Қараева ва Юсуфҷон Искандаров пораҳои ҷолибро аз китоби “Агар...”-и Шариф Ҳамдампур қироат намуданд.

МУЪҶИЗАИ ОҲАНГИ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ

Аммо қуллаи баландтарини маҳфил садо додани асари машҳури Толибхон Шаҳидӣ “Дуо” дар ичрои муаллифи оҳанг буд, ки тамоми толорро ба по хезонд ва тамошобинон онро бо мавҷи кафкӯбиҳои бардавом истиқбол гирифтанд.



ЗАҲМАТИ ҲАМПЕШАРО ҲАМПЕША МЕДОНАД

Беҳуда нагуфтаанд:
Заҳмати ҳампешаро
ҳампеша медонад, ки чист,
Зӯри дасти кӯҳканро теша
медонад, ки чист.

Заҳмати эҷодкорро танҳо он нафаре баҳо дода метавонад, ки худ роҳпаймои ин ҷода бошад ва бо чӣ талоше ба даст омадани ганҷи маънавиро хуб бидонад. Аз ин лиҳоз, мо бо ду нафар эҷодкорон ҳамсуҳбат гашта, назари онҳоро оид ба эҷодиёти Толибхон Шаҳидӣ ва китоби тозанашри журналисти шинохта Шариф Ҳамдампур пурсон шудем.



Наҷмиддин ШОҲИНБОД, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон:

“АГАР...” ШОИСТАИ ПЕШНИҲОД БА ҶОИЗАҲОИ БАЛАНД АСТ



- Боре аз нависандаи маъруфи рус Лев Толстой хоҳиш кардаанд, ки дар бораи яке аз оҳангсозони замонаш асаре нависад. Толстой як ҳафта фикр карда, ҷавоб додааст, ки “ман омодаам “Ҷанг ва сулҳ”-ро аз нав нависам, вале дар бораи мусиқӣ китоб навишта наметавонам”. Воқеан, дар бораи мусиқӣ ва оҳангсоз асар эҷод кардан хеле душвор аст, зеро аз адиб натанҳо маҳорати суханварӣ, балки дониш ва дарки баланди мусиқиро низ тақозо мекунад. Аз ин нигоҳ, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти эҷодии оҳангсози маъруфи тоҷик Толибхон Шаҳидӣ асар эҷод кардани дӯсти ҳамқалами мо, журналисти шинохтаи тоҷик Шариф Ҳамдампур дастоварди бузург аст. Ман китобро ба пуррагӣ хондам, ростӣ аз лиҳози касбият хеле боарзиш ва арзандаи пешниҳод ба ҷоизаҳои баланд аст. Бояд бигӯям, ки ин китоби аввалини силсилаи “Ҳаёти одамони ҳунарманд” нест, Шариф Ҳамдампур қаблан низ дар боби зиндагӣ ва кору пайкори шахсиятҳои саршиноси миллат, аз ҷумла аллома Бобоҷон Ғафуров, журналисти шаҳир Муродуллоҳ Шерализода ва дигар чеҳраҳои намоён, ки барои фарҳанг ва маънавиёти миллати тоҷик хизматҳои шоён намудаанд, асарҳои боарзиш эҷод кардааст. Ман ба муаллифи китоб ва қаҳрамони “Агар...” комёбиҳои беназирро таманно дорам, зеро чунин шахсиятҳо хотираи зиндаи миллатанд.

Амирбек МӮСОЕВ, раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон:

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ КОМПОЗИТОРИ САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИСТ



- Рӯзи 21-уми май дар Театри давлатии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ ҷашни 80-солагии оҳангсози маъруфи тоҷик Толибхон Шаҳидӣ баргузор мегардад. Бояд бигӯям, ки Толибхон Шаҳидӣ ва падари бузургворашон зиндаёд устод Зиёдулло Шаҳидӣ дар рушди санъати мусиқии тоҷик хеле нақши бориз доранд. Толибхон Шаҳидӣ натанҳо композитори тоҷик, балки композитори сатҳи байналмилалӣ мебошад. Бузургтарин хизмати ин оҳангсози чиррадаст дар он аст, ки мусиқии миллии мо - шашмақом ва оҳангҳои халқиро бо мусиқии муосири Ғарб синтез намуда, ба ҷаҳон пешкаш кардааст. Асарҳои Толибхон Шаҳидиро дар Аврупо, Амрико ва дигар қатъаҳои олам мухлисони зиёде бо камоли майл гӯш мекунанд ва ба эҷодкораш таҳсину офарин мехонанд. Тавассути ин оҳангҳо ҷаҳониён бо муъҷизаи мусиқии тоҷик ошно гаштаанд. Инъикоси пайроҳаи зиндагии ин оҳангсози бузург дар китоби “Агар...”-и журналист ва публитсисити маъруфи тоҷик Шариф Ҳамдампур як дастоварди бузург ва хизмати арзанда барои фарҳанг ва санъати миллӣ мебошад.

НАВОЕ, КИ БО САРНАВИШТИ МАЪНАВИИ МИЛЛАТ ПАЙВАНД АСТ

Композитори нобиға Людвиг ван Бетховен қайд карда буд, ки «мусиқӣ бояд аз қалби инсон оташ бигирад ва ба ақлу эҳсосоти ӯ роҳ ёбад”. Толибхон Шаҳидӣ аз зумраи чунин эҷодкорони ангуштшумори тоҷик мебошад, ки асарҳояш аз сармчашмаи мусаффои дили оҳангсоз ҷӯш зада, бо сарнавишти маънавии миллат мепайванданд ва китоби “Агар...” достонест, ки натанҳо пайраҳаи зиндагии як оҳангсоз, балки роҳи тайкардаи санъати мусиқии навини тоҷикро бозгӯ мекунад ва шебу фарозҳои ин роҳи пурифтихор дар китоби “Агар...”-и Шариф Ҳамдампур хеле равшану возеҳ таҷассум ёфтааст. Умедворем, ки ин асар ба китоби рӯйимизии донишҷӯёни Консерватория, Донишкадаи санъат ва дигар ҳунаристонҳои кишвар табдил ёфта, хонандагони закӣ ва нуктасанҷ низ розу ниёзи олами ҳунар ва розҳои ниҳони қалби зебопарасти ин марди сар то ба по ҳунарро бо мутолиаи ин асар барои худ кашф месозанд.

Ф. САТТОРӢ

ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

чаро барои мо муҳим аст?



Ӯ ДАРДИ МАРДУМ, ҒУРУРИ ТОҶИК, АЛАМИ ТАЪРИХ ВА МУҲАББАТИ ВАТАНРО БА ШЕЪР ТАБДИЛ ДОД. БАРОИ ҲАМИН СУХАНАШ АЗ ДОИРАИ АДАБИЁТ БЕРУН РАФТА, БА ҚИСМАТЕ АЗ ВИҶДОНИ МИЛЛАТ МУБАДДАЛ ГАРДИД.



Миллатҳо ҳам мисли инсонҳо сарнавишт доранд. Баъзе миллатҳо дар сарват бузурганд, баъзе дар силоҳ, баъзе дар қудрати сиёсӣ. Аммо миллатҳое ҳастанд, ки рӯҳи худро дар сухан нигоҳ медоранд. Онҳо агар ҳатто давлати пуриқтидор ҳам надошта бошанд, агар сарзаминашон борҳо тӯли таърих торочу валангор шуда бошад ҳам, боз қомат рост мекунанд. Зеро чизе доранд, ки аз шамшер бурротар ва аз тахт пойдортар аст.

Ва он рӯҳи фарҳанг аст.

Тоҷик ҳамин гуна миллат мебошад.

Мо миллате ҳастем, ки борҳо деворҳоямон фурӯ рехтанд, аммо каломамон боқӣ монд. Давлатҳоямон парешон гаштанд, аммо забонамон зинда монд. Ва агар аз ман пурсанд, ки чаро тоҷик баъди ҳазор соли шикасту фочиаҳо ҳанӯз тоҷик аст, мегӯям:

зеро ҳар аср як нафар бархесту рӯҳи миллатро аз нав бедор кард.

Рӯдакӣ.

Фирдавсӣ.

Мавлоно.

Айнӣ.

Турсунзода.

Муъмин Қаноат

ва баъд

Лоиқ Шералӣ.

Бузургон шакли дигари вичдони миллатанд.

Мо одат кардаем, ки шоирро гӯяндаи шеър бубинем. Аммо шоири ҳақиқӣ замонро тафсир мекунад, дарди мардумро ба забон меорад. Он чиро, ки миллат эҳсос мекунад, аммо баён карда наметавонад, ӯ ба сухан, калима табдил медиҳад.

Маҳз барои ҳамин сарнавишти шоирон ҳамеша фочиабор аст. Чунки мардум аз шоир нур мехоҳанд, аммо кам касе мепурсад:

Ин нур аз кучо меояд?

Бо чӣ қимате месӯзад?

Чанд пораи чон ба оташ табдил мешавад, то миллат гарм монад?

Лоиқ шоири худсӯзу худафрӯз буд. Ӯ барои шуҳрат шеър нагуфт. Барои чоиза ҳам не. Ӯ барои наҷоти рӯҳи тоҷик шеър гуфт.

Замоне, ки бисёриҳо забони модариро танҳо василаи гуфтугӯ медонистанд, Лоиқ онро ба сатҳи вичдон бардошт. Ӯ фаҳмид, ки агар забон бишканад, миллат низ мешиканад. Агар инсон аз решаи маънавии худ чудо шавад, ба мавҷуде табдил меёбад, ки роҳ меравад, мехӯрад, мехобад, аммо дигар таърих надорад.

Барои ҳамин Лоиқ навишт:

Заҳр бодо шири модар
бар касе,
К-ӯ забони модарӣ гум
кардааст.

Ин танҳо шеър нест. Ин ҳукми таърих аст.

Мо дар давроне зиндагӣ мекунем, ки ҳама чиз бо суръати хабар аз пеши назар мегузарад, зуд фаромӯш мешавад. Ҳама чиз. Ҳатто эҳтиром, ки кӯтоҳумр шудааст.

Дар чунин замон бузургтарин фочиа он нест, ки миллат душман дорад.

Фочиа он аст, ки миллат тадричан қобилияти шинохти бузургони худро аз даст медиҳад.

Имрӯз одамони миёнаҳол бисёр шудаанд. Одамоне, ки ба дарки кулла қодир нестанд. Чунки инсони баландидрок метавонад баландии кулларо дарк кунад. Одамони паст тавони эътирофи баландиро надоранд.

Вақте шахси кӯтоҳандеш ба бузург нигоҳ мекунад, аввалин эҳсосаш ҳайрат нест, нороҳатист. Зеро ҳузури бузургон нотавонии ӯро ошкор месозад.

Барои ҳамин таърих пур аз сангҳоест, ки миёнаҳолон ба сӯйи бузургон меандозанд.

Суқротро заҳр доданд.

Мансурро ба дор кашиданд.

Фирдавсиро ранҷонданд.

Камолро гуреза карданд.

Ва Лоиқро...

Лоиқро танҳо гузоштанд.

На ҳама, албатта. Мардум дӯсташ медоштанд. Аммо чомеа ҳамеша бо бузургон муносибати ачиб дорад: то зиндаанд, аз гармии онҳо истифода мебарад, вақте аз олам мераванд, мефаҳмад, ки дар торикӣ мондааст. Аммо дер мешавад.

Ман солҳои зиёд дар муҳити фарҳанг зиндагӣ кардам. Чеҳраҳои зиёдеро дидам. Касоне буданд, ки ҳангоми зинда будани Лоиқ чун соя аз пасаш мегаштанд. Номи ӯ барояшон такягоҳ, зинаҳои камолот буд. Аз ҳузураш гарм мешуданд. Аммо ҳамин ки чашмони шоир пӯшида шуданд, хотираҳо низ бо ӯ дафн гардиданд.

Ин хислати одамони манфиатчӯст: онҳо то даме гирди шамъ мегарданд, ки шамъ месӯзад. Аммо инсонҳои ҳақиқӣ баъд аз хомӯш гаштани шамъ ҳам гармии онро фаромӯш намекунанд.

Мо бисёр вақт фикр мекунем, ки ба бузургон эҳтиром мегузорем.

Не! Ҳақиқат ин аст, ки мо худпарастем ва дар ин роҳ эҳтиёч ба номи бузургон дорем.

Миллате, ки бузургони худро фаромӯш мекунад, тадричан, мисли дарахти решахушкшуда ба замин фурӯ мерезад.

Давлат танҳо иқтисод, роҳу бино, сиёсат нест. Давлат, пеш аз ҳама,

хотираи муштарак,

рӯҳи муштарак,

эҳсоси ягонагӣ аст!

Ва ин рӯҳро шоирон, нависандагон зинда нигоҳ медоранд. Манзури ман асилшоирону нависандагон ҳастанд.

Шояд барои ҳамин онҳо дар ҳама давру замон танҳо мемонанд. Чунки бори сангини милатро бар дӯш доранд; БОРИ РӮҲРО.

Ва ҳамин рӯҳ ба дӯшбори Лоиқ буд.

Ӯ ҳамтақдир, ҳамдард, ҳамнафаси миллати тоҷик буд.

Баъзе одамон бо гузашти солҳо пир мешаванд, баъзеҳо аз ғурбати зиндагӣ. Аммо инсонҳое ҳастанд, ки ғами миллат онҳоро пир мекунад.

Лоиқ аз ҳамин чумла буд.

Имрӯз, вақте ба гузашта менигарам, беш аз ҳама аз як чиз метарсам:

аз он ки насли чавон қаҳрамонҳои ҳақиқии худро гум кунад.

Зеро миллате, ки қаҳрамонҳои воқеӣ надорад, маҷбур мешавад қаҳрамонҳои сунъӣ созад.

Мо бояд чавононро ба назди қуллаҳо баргардонем.

Ба назди Рӯдакӣ.

Ба назди Фирдавсӣ.

Ба назди Аҳмади Дониш.

Ба назди Айнӣ.

Ба назди Лоиқ...

На барои парастиши шахсият, барои наҷоти рӯҳ.

Зеро миллатҳо бо нон, тарс, пул зинда наемонанд. Онҳоро маънавиёт зинда нигоҳ медорад. Он рӯҳи ноаёне, ки инсонҳоро ба гузашта, забон, фарҳанг, вичдон ва фардо мепайвандад.

Ва шоирон, нависандагон офарандагони ҳамин маънавиёт, посбонони рӯҳи миллатанд. Агар давлат марз дошта бошад, маънавиёт марз надорад. Он дар дилҳо зиндагӣ мекунад.

Лоиқ Шералӣ яке аз охирин бузургоне буд, ки тавонист миёни миллат ва маънавиёт пули устувор бисозад. Ӯ дарди мардум, ғурури тоҷик, алами таърих ва муҳаббати Ватанро ба шеър табдил дод. Барои ҳамин суханаш аз доираи адабиёт берун рафта, ба қисмате аз вичдони миллат мубаддал гардид.

Аз ҳамин чост, ки ӯ зинда монд.

Рӯҳи Лоиқ Шералӣ имрӯз дар забони тоҷикӣ нафас мекашад, дар ғурури бедори миллат садо медиҳад ва дар қалби ҳар тоҷике зиндагӣ мекунад, ки Ватан, забон ва маънавиёти худро дӯст медорад.

Шариф ҲАМДАМПУР



ЁДЕ АЗ ЛОИҚ Ё «ТОФТАИ ҶУДОБОФТА»

«ЛОИҚ ГАНҶИНАЕ АБАДӢ ВА ТАЪРИХӢ БАРОИ БАЁНИ БУЗУРГИИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКОН АСТ. БАРОИ ҲАМИН МЕПАРАСТЕМАШ. АММО АЗ ХУД СУОЛ МЕКУНАМ, ОЁ МАРДУМ БО ҲАМА ИШҚЕ, КИ БА Ӯ ДОРАНД, МЕДОНАНД, КИ Ӯ ЧӢ ҚАДАР ДАР ҶИҲАТИ ЭҶОДИ СУЛҲ КОР КАРД?



Дар акс: Аскар Ҳаким, Лоиқ Шералӣ, Маъсумаи Турфа, Муҳиддини Олимпур

Ҳар бор ба Тоҷикистони азиз меомадам, яке аз бузургтарин лаззатҳо бароям ин буд, ки устод Лоиқ Шералиро бубинам. Аввалин боре, ки дар соли 1990 ба Тоҷикистон омадам, ифтихори ошноӣ бо ӯро дар Иттифоқи нависандагон доштам. Дуруст ба хотир надорам, аммо фикр мекунам Муҳиддин Олимпур ба ман гуфт, ки бояд бо беҳтарин шоиронамон ошноят кунам. Дар назди Иттифоқи нависандагон бо устод Лоиқ ва бо нависандаи хушзавқу базлагӯямон Абдулҳамид Самад (ки ман ҳамеша ӯро Маҳмуд Давлатободии Тоҷикистон меномам) ва шоиру дӯсти қадимам устод Аскар Ҳаким ҷамъ шудем ва Муҳиддин бо чирадастии ҳамешагиаш аз мо чандин акси дастаҷамъии баёдмонданӣ гирифт. Эҳсос мекардам, ки будан дар миёни устодони адабиёт ва шеър ҷойи бисёр амне аст, чун донишашон маро аз газанди нодонон масун медорад.

Аз ҳамон аввалин гуфтугуҳо дарёфтам, Лоиқ Шералӣ тофтаи ҷудобофтаест, зубда, ҳунарманд ва ҳунархислат ва бисёр шарифу бузургвор, ки ба ҳама иҷоза медиҳад худашонро ҳамрадифи ӯ бидонанд, аммо дарвоқеъ хуб медонад, худаш дар ҷойи дигаре сайр мекунад. Он ҳолати махсуси шоирона ва ошиқонаашро ҳамеша дошт, лабханд мезад ва ҳозир ба сухбат буд ва ҳар бор ӯро медидӣ, фикр мекардӣ ошиқи чӣ касе аст? Дарвоқеъ шояд ошиқи ҳеҷ кас набуд, аммо ҳолаташ ин гуна буд. Танҳо шоири дигареро, ки бо ин хислат дида будам, Аҳмад Шомлу буд, аммо ӯ на тавозуъи Лоиқро дошт ва на сабукболӣ ва бепарвоии ӯро. Лоиқ ангор аз ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас ҳисоб намебурд ва ҳар чӣ мехост, мекард ва мегуфт. Ин рӯҳияи тамоми қаҳрамонони писандидаи ман аст.

Пас ҳамон ҷо маро монанди оҳанрабо ба худ ҷазб кард ва тамоми калимот ва суханҳояш бароям гуҳарбор шуд. Як бор дар сари мизи ғизо дар хонаи Муҳиддин, дар ҳоле ки шеър мехонд, ба по хестам. Билофосила дастамро ба шӯхӣ маҳкам гирифт ва гуфт: «Вақте шеър мехонам, биншин». Бо тарс, ҳамроҳ бо ханда гуфтам чашм устод. Муҳиддин аз ҳамин саҳна акс гирифт ва акс абадӣ шуд...

Чандин бор дар сафарҳои баъдӣ дар тӯли солҳои ҷанг, ҳузну ғами ин шоирро медидам ва эҳсос мекардам лабхандаш андак-андак ранги ғам мегирад. Ватанашро беҳад дӯст дошт ва ҷанг ӯро парешонҳол ва озурдахотир карда буд. Ҳамеша як боронии хокистарранг ба тан дошт, ангор бо вуҷудаш мегиряд. Шеърҳояш қавитар мешуд ва аз ғазалҳои шоирона табдил ба ашъоре мешуд дар накӯҳиши ҷанг ва ҷангсолорӣ, бо қавитарин луғатҳо ва алфоз. Дар соли 1996 навишт:

Замона бенизом шуд,
баҳона чист? Номи халқ!
Худо бигирад ин чунин
замони безаминаро,
Ки дар замини синаҳо
бикошт тухми кинаро,
Ки аз раҳи нифоқ зад ба
санг обгинаро,
Тулӯи рӯз шом шуд, баҳона
чист? Номи халқ!

Ҳар сол меомадам, ҳолаш вахимтар мешуд ва таҳаммулаш аз даст мерафт, носазо мегуфт ва лаънат мекард, ки кишварашро ва фарҳангашро бешармон вайрон мекунанд. Намебахшидашон, шодиаш ва сабурияш аз даст рафта буд.

Дар натиҷа, дар соли 1998, ки аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ба унвони сухангӯ ва раиси бахши иртибототи дафтари UNMOT ба Тоҷикистон омадам, медонистам, ки ба шиддат ба кумаки Лоиқ Шералӣ ниёз дорам. Итминон доштам, ба хотири ишқе, ки тоҷикон ба кишварашон ва фарҳангашон доранд, танҳо роҳи эҷоди сулҳ аз тариқи фарҳанг аст. Медонистам, ки бояд аз тариқи барномаҳои фарҳангӣ ва дар ҳамкорӣ бо бузургони адаб ва таърихи Тоҷикистон мардумро ба ҳам наздик кунам ва иттиҳод миёнашон ба вуҷуд оварам. Вақте бубинанд ин бузургони адабу фарҳангашон ғамгин ва афсурдаанд, шармашон хоҳад омад ва даст аз ҷанг бархоҳанд дошт.

Пас Лоиқ Шералӣ бояд бахши ҷудонашавандаи ин стратегия мешуд, то паёми сулҳ ва инзиҷор аз ҷангро мустақиман ба мардуми Тоҷикистон бирасонад. Бо ашъораш метавонист ононро бедор кунад, ки бо ҷанг ватани худро вайрон кардаанд. Даъватамро пазируфт ва ҳаргоҳ аз ӯ мехостам дар барномаҳо суханронӣ кунад ва ё шеър бихонад, омода буд ва омад ва ба ман ифтихор дод.

Ва ӯ танҳо набуд. Гулрухсори Сафӣ бароям номи барномаҳоро таъйин кард: «Замзамаи сулҳ, таронаи ваҳдат» ва ёрони дигарам: шоирони беҳад арзишманде, монанди Муъмин Қаноат, Аскар Ҳаким ва Гулназар ҳама ҷо ҳамроҳиам мекарданд. Ба илова, ниёзманди як садои фавқулода қавӣ будам, ки битавонад ашъори бузургонро бо фарёди фалак ба гӯши мардум бирасонад ва ба ёдашон биёварад, ки хуршедашон дар кучост. Касе ҷуз Давлатманд Хол бо фалакхонии бебадилаш наметавонист аз ухда барояд. Вақте «Шоҳнома ватан аст»-ро аз Гулрухсор мехонд, тамошочиён мехкӯб мешуданд, чаро ки бар фарҳангашон таъкид мекард:

Оре, оре, Шоҳнома ватан аст,
Ватане к-аз ману ту
натавонанд ба шамшеру ба
тазвир рабудан.

Аз тарафе ҳам Далер Назаров бо он латофати садо ва маҳорати хирфаияш ашъори бадахшонӣ мехонд ва дили ҳамаро ба ларза меандохт ва бо шеъри Лоиқ «Некӣ бимонад ҷовидон» ба мардум умед медод, ки «андуҳи дунё бигзарад». Ва Ширин, раққосаи зебои Бадахшон дили мардумро гарм мекард ва онҳоро ба вачду сурур меовард.

Пас аввалин барномаи «Замзамаи сулҳ таронаи ваҳдат» дар авосити соли 1998 дар толори Театри опера ва балети Тоҷикистон бо ҳамкории ҳамаи ин бузургон, бо суханронию шеърхонӣ ва фалакхонӣ ва овозу рақс оғоз шуд, то арзиш ва мақоми фарҳангро ҳамчун нуқтаи муқобили ҷанг нишон диҳад ва ошкор кунад, ки фарҳангиёни Тоҷикистон дар бораи ҷанг чӣ фикр мекунанд.

Даъватшудагони аслӣ руасои давлат ва раҳбарони мухолифон буданд. Ман курсиҳои пеши толор барои мақомоти баландпояро бо исм таъйин кардам, ки ду гурӯҳи мухолиф дар канори ҳам биншинанд (як курсӣ мақоме аз давлат ва паҳлуяш мақоме аз мухолифон). Ҳадафам ин буд, ки дар тӯли консерт онҳо дар лаззат аз фарҳанги муштаракашон шарик шаванд ва бо якдигар сухбат кунанд.

Аскар Ҳаким шеъри бисёр такондиҳандаи худро дар нахустин шаб бо декламатсияи махсуси худ дар ғазале дар бардошти ҷангҳои ҳамватанӣ хонд:

Зи рафоқати камондорон, ба дили рамида ғамгинам,



Дар акс: Ромиш - фарзанди устод Лоиқ, Маъсумаи Турфа ва Лоиқ Шералӣ

Ба камон чӣ гуна хӯ гирам, ба камин чӣ гуна биншинам.

Ба камаршикастагон ҳаргиз,
набуд маро забардастӣ,
Ки адолат аст талқинам,
ки муҳаббат аст ойинам.

Ба дилам чӣ мезанӣ дашна,
ту ҳаме ба хуни ман ташна,
Ки сиҳат нагашта то имрӯз,
асароти захми поринам.

Ва Лоиқ ҳам яке ду шеъри маъруфашро дар ҳамин барнома ва барномаҳои баъдӣ хонд. Шеъри зер, ки дар соли 1994 дар инзиҷор аз ҷанг ва ҷанггӯён навишта буд, хунро дар раги инсон ба ҷӯш меовард:

Ҷабри таърих ягон қавм
надидааст ки мо,
Заҳри таърих нажоде
начашидааст ки мо,
Миллате зери фалак бо
ҳама фарҳанги сутург,
Ин қадар зиллату хорӣ
накашидааст ки мо.

Толори Театри опера ва балет дар сукут фурӯ мерафт ва баъд ашку кафзанӣ барои ин шоирони бузург. Устод Давлатманд ҳам шеъри маъруфи Лоиқро мехонд: «Ба ҳама нағмаи ноҷур дилам месӯзад»...

Ва дар шеъри дигаре Лоиқ ҳушдор медод ки:

Тоҷико, асли худро дарёб,
В-арна фардот бенишон шудан аст.

Ва ё мазаллат мекард, ки:

Кӯчаҳои пургулро кардаӣ
ҳама пурхун,
Чеҳраҳои гулгунро кардаӣ
ғамоганда.

(Давомаш дар саҳ. 10)

ПАДАР ДАР ХОТИРАҲОИ ПИСАР

ПЕШВОИ МИЛЛАТ МАРО НАЗДИ ХУД ХОНДАНД ВА ГУФТАНД: «ТО ИМРЎЗ ФАРЗАНДЕРО НАДИДААМ, КИ ИН ҚАДАР БА ПАДАРАШ МОНАНД БОШАД». ҲАМОН ЛАҲЗА ДАР НИГОҲИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МЕҲРИ ПАДАРРО ЭҲСОС КАРДАМ ВА АШК БЕИХТИЁР АЗ ЧАШМОНАМ ҶОРӢ ШУД.



ШОИРӢ ҲАМ БА МАСАЛ ДЕҲҚОНИСТ

- Чаро роҳи зироатшиносиро интихоб кардед?

Ин аввалин саволе буд, ки аз ӯ пурсидам. Зеро Диловар дар муҳите ба камол расидааст, ки саршор аз шеър, адаб, суҳбатҳои фарҳангӣ ва маҳфилҳои аҳли қалам буд. Табиист, ки бисёриҳо гумон мекарданд ӯ низ роҳи адабиётро пеш хоҳад гирифт.

Ӯ бо табассуме ором гуфт:

- Ин саволро аз дигарон ҳам зиёд шунидаам. Дар хонаводаи мо, ки саршор аз китоб, шеър ва нишастҳои адабӣ буд, падар ҳеҷ гоҳ барои интихоби касб маҷбур намекарданд. Баръакс, ихтиёри интихобро ба худи мо-фарзандон вогузор карда буданд.

Ба гуфтаи ӯ, ҳанӯз аз айёми мактабхонӣ ба фанҳои табиатшиносӣ, махсусан кимиё ва генетика таваҷҷуҳи зиёд дошт. Ҳатто дар озмуни ҷумҳуриявии хонандагон аз фанни кимиё соҳиби ҷойи дуюм гардидааст: « Он солҳо ба зиндагӣ ва осори олимони машҳури генетика Климент Тимирязев ва Николай Вавилов таваҷҷуҳи зиёд доштам. Ҳамин шавқу ҳавас маро ба факултаи зироатшиносии донишкадаи кишоварзӣ бурд».

Падараш, шоири бузург Лоиқ Шералӣ интихоби фарзандро бо хушнудӣ пазируфтаанд. Чун худ зодаи кӯҳистон буданд ва қадри нони деҳқонро хуб медонистанд, борҳо аз сафарҳои хориҷӣ китобҳои нодир оид ба илми зироатшиносиро барои писарашон туҳфа овардаанд. Диловар бо эҳтиром байти машҳури падарро ёд мекунад:

Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,
Шеър бунёди ҳама маснадҳост.

ДИЛОВАР Ё ҶАМШЕД?

Бисёриҳо ӯро бо ду ном мешиносанд: Диловар ва Ҷамшед. Ин қисса низ ҷолиб аст.

- Барои посух ба ин савол,- мегӯяд ӯ,- бештар ба хотираҳои модари раҳматиам такя мекунам.

Ӯ дар шаҳри Панҷакент, дар хонаи бобояш - омӯзгори маъруф Қутбиддин Раззоқов ба дунё омадааст. Вақте хабари таваллуди ӯро ба падараш тавассути телефон мерасонанд, устод Лоиқ номи «Ҷавшан»-ро пешниҳод мекунанд. Аммо ба гӯши бобояш ин ном «Ҷамшед» мерасад. Он солҳо номи «Ҷавшан» ғайриодӣ буд.

Ҳамин тавр, дар хона ӯро Ҷамшед ном мебаранд. Вале ҳангоми гирифтани шаҳодатномаи таваллуд, падар фикр мекунанд, ки навишти номи «Ҷамшед» дар ҳуҷҷатҳои расмӣ шояд мушкил эҷод кунад ва онро ба шакли русии «ДЖ» сабт намоянд. Аз ҳамин сабаб, дар зоднома номи «Диловар» навишта мешавад.

- То имрӯз наздикон маро Ҷамшед мегӯянд, аммо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ Диловар ҳастам.

Ҷолиб он аст, ки баъдтар, вақте нахустин писараш ба дунё меояд, падар ҳамон номи аввалини интихобкардаашон - «Ҷавшан»-ро ба набера мегузоранд.

АЛАФДАРАВИИ БОҚӢ РАҲИМЗОДА

Хонаи Қутбиддин Раззоқов дар имрӯза кӯчаи ба номи Лоиқ Шералӣ то имрӯз дар ёди пирони Панҷакент ҳамчун макони маҳфилҳои адабӣ боқӣ мондааст.

Ба нақли Диловар, бобояш солҳои донишҷӯӣ бо шоири маъруф Боқӣ Раҳимзода ҳамсабақ будаанд ва ин дӯстӣ то поёни умрашон идома доштааст. Борҳо Боқӣ Раҳимзода ва Мирзо Турсунзода ҳангоми сафар ба Панҷакент меҳмони ҳамин хонадон шудаанд.

Ӯ яке аз хотираҳои шавқоварро чунин нақл мекунад:

- Рӯзе дар яке аз нишастҳо байни меҳмонон байтбарак баргузор мешавад. Шарт мегузоранд, ки ҳар кас байт ёфта натавонад, алафи юнучқаи ҳавлиро медаравад. Бо амри тасодуф устод Боқӣ Раҳимзода дар ёфтани байт дармемонанд ва бо хандаи аҳли маҳфил дос ба даст гирифта, ба дарави алаф мепардозанд.

Маҳз дар ҳамин ҳавлӣ аввалин дидори Лоиқ Шералии ҷавон бо устодони бузурги адаб сурат гирифтааст. Баъдтар низ, ҳар боре ба Панҷакент меомаданд, ҳамин хона макони чамъомади аҳли зиё ва дӯстони сершуморашон мешуд.

- Ин хонаи хурду назарногир имрӯз барои ман чун ёдгории муқаддаси волидон ва қадамгоҳи бузургон аст,- мегӯяд ӯ.

ПАДАР ДАР ХОТИРАҲОИ ФАРЗАНД

Вақте аз ӯ пурсидам, ки падар дар ёдаш чӣ гуна мондаанд, каме сукут кард ва баъд ором гуфт:

- Бо нигоҳи гарму меҳрубон ва табассуми малеҳ.

Ӯ мегӯяд, ҳеҷ гоҳ нашунидааст, ки падар бо фарзандон бо тундӣ сухан гуфта бошанд.

- Агар аз мо кори нодурусте содир мешуд, танҳо як нигоҳашон кофӣ буд, ки ҳама чизро дарк кунем. Падар ақида доштанд, ки вақте писар ба ҳаждаҳсолагӣ мерасад, бояд дӯсти падар бошад. Хушбахтона, ман дӯсти падарам будам. Бо ман машварат мекарданд, ба фикру пешниҳодҳоям гӯш медоданд.

Ӯ борҳо падарашро назди духтури маъруфи қалб Соҳибназар Раҳмонов бурдааст ва ҳатто онҳоро ба варзиш ва сафар ба кӯҳистони Варзоб ташвиқ мекард.

Ба гуфтаи Диловар, падар ҳам инсони бисёр хокӣ буданд ва ҳам соҳиби ғурури баланд:

Ҳаргиз набарам ба нокасе
рӯйи ниёз,
Дастам шиканад,
ба гарданам овезам.

МУҲАББАТ БА КИТОБ

Диловар хуб дар хотир дорад, ки падараш шабҳо пас аз хоби аҳли хона ба утоқи кори худ медаромаданд ва то саҳар мутолиа мекарданд.

Субҳ рӯи мизашон ҳамеша китобҳои шеър ва луғатномаҳо - «Ғиёсуллуғот», «Фарҳанги Амид», «Луғати Деххудо» ва дигар китобҳои нодир кушода меистоданд.

Ӯ мегӯяд:

- Падар аз сафарҳои Эрон китобҳои зиёде оварда буданд. Аз ҷумла, ду маҷмуаи пурраи «Луғати Деххудо»-ро, ки ҳар кадом 17-18 ҷилд дошт. Яке аз онҳоро ба Китобхонаи миллӣ туҳфа карданд.

Ба андешаи ӯ, Худованд ба падараш на танҳо истеъдоди азалӣ, балки меҳнати бузург дар ҷустуҷӯи вожаҳои нобро низ ато карда буд.

- Дар ҷайбашон ҳамеша блокнот доштанд. Ҳар фикр ё калимаи ҷолиберо мешуниданд, ҳатман сабт мекарданд.

ЛАҲЗАЕ, КИ АШК ПИНҲОН НАМОНД

Ӯ Наврӯзи соли 2018-ро низ бо эҳсоси зиёд ба ёд меорад - рӯзи ифтитоҳи “Кохи Лоиқ” ва пардабардорӣ аз мучассамаи устод.

Дар саҳна нақши падарро худи ӯ ичро мекард. Пас аз анҷоми намоиш Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ӯро назди худ мехонанд ва мегӯянд: “То имрӯз фарзандеро надидаам, ки ин қадар ба падараш монанд бошад”.

- Дар ҳамон лаҳза,- мегӯяд Диловар,- дар нигоҳи Пешвои миллат меҳри падарро эҳсос кардам ва ашк беихтиёр аз чашмонам ҷорӣ шуд.

Ӯ бо ифтихор мегӯяд, ки имрӯз ҳам муҳаббати мардум ба Лоиқ Шералӣ кам нашудааст.

- Номбардори асосии падар, пеш аз ҳама, ашъори ҷовидонаи ӯст.

ДЕҲҚОНӢ ВА ШОИРӢ

Дар анҷоми суҳбат аз ӯ пурсидам:

- Оё байни кори худ - офаридани навъҳои нави зироат ва эҷодиёти падараш монандие мебинад?

Каме андеша кард ва баъд боз ба шеър паноҳ бурд:

Гар зи деҳқонию аз барзгарӣ
Тухмпошӣ ба замин аст мурод,
Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,
Ки кунад мазраи дилҳо обод.

Ва шояд ҳақиқат ҳамин бошад: яке тухм ба замин мекорад, дигаре ба дил. Аммо ҳар ду барои фардо зиндагӣ мекунанд.

Бобо СОЛЕҲЗОДА,
рӯзноманигор

ЛОИҚ

АЗ НИГОҲИ ҲАМАСРОН



Мирзо Турсунзода,
Қаҳрамони Тоҷикистон

Ман Лоиқро ҳамчун шоири болаёқат дӯст медорам ва ӯро хеле эҳтиёт мекунам. Ман ҳамеша навоварии ӯро мушоҳида мекунам... Имрӯз дар назми тоҷик шоирони насли калонсол ба услуби анъанавӣ шеър намегӯянд... Ман шеърҳои ба тарзи маъмулӣ гуфтаи Лоиқро хонда хурсанд мешавам, сатрҳои ӯро замзама мекунам...



Муъмин Қаноат,
Шоири халқии Тоҷикистон

Ягона шогирди шоистаи ман марҳум Лоиқ Шералӣ буд, ки ӯро камина ба тамоюлҳои нави назм шинос карда будам, дар шахсияти ӯ ман манбаи ғурур, озодификрӣ ва ҳисси ифтихороти миллиро парварда будам. Аммо бо як тарбия чизи муҳимеро ба даст овардан мумкин нест, агар дар ботини худи шахс манбаи зарурӣ набошад. Ва Лоиқ чунин шахсият буд, вай таърихи халқи тоҷик, тарчумаи ҳоли фарзандони бузурги онро меомӯхт ва офаридаҳои онҳоро амиқан таҳлил мекард.



Рустам Ваҳҳобзода,
Шоири халқии Тоҷикистон

Вақте ки шумо шеъри Лоиқро мехонед, замоне ба олами муссафое ворид мешавед, ки ҳама арзише дорад, арзише, ки то кунун онро нашинохтаед ва ё шинохтаву дар баён наовардаед...
Шахсияти шоирии Лоиқ “бо ҳама ҳусни зоҳиру ботин”, бо ҳама ғурури чавонмардона, саховату ҳиммату ҳикмат ва бо “рӯҳи исёнгаронаву пирӯзгарона”, ки ин ҳама даъво бо сиккаи ҳунар сабт мегардад, дар замоне зуҳур кард, ки одам дар зери шиорҳои абаринсонии бетафовут ба шахсияти нотакрори фардии ӯ, бетафовут ба пайванди силсилаи маънавии ӯ (саргузашти миллӣ) хурду ҳақиру ночиз мегардид, симои маънавии худро фаромӯш мекард. Шеър Лоиқро ҳамин инсони ташнаи дидори хеш чун ойинае дарёфт ва мафтуни ҷамоли худ дергоҳест онро сари даст дорад...



Абдулмаҷид Достиев,
ходими давлативу сиёсӣ, дипломат, адиб

Устод Лоиқ Шералӣ аз зумраи шоироне буд, ки дар қаламрави сухани имрӯзаи кишварамон беҳамто ва ӯ шеъреро тараннум менамуд, ки дар равонӣ равон ва дар асолат ширинии алфози дариро бо навои мутантан дар гӯши ҳар шунаванда нармак-нармак менишонд... Шоире буд дӯстдоштанӣ ва маҳбуби дилҳо, ки маҳбубияти инсонияш чӣ дар шеъраш ва чӣ дар суҳбатҳояш дар сурати ҷаззобият дарҳол таҷассум мегардид.






Дар акс: қатори 1: Муъмин Қаноат, Мавҷуда Ҳакимова, Ҳадиса, Гулрухсор, Муҳиддин Хоҷазод; қатори 2: Наримон Бақозода, Одина Мирак, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ



Дар акс: Камол Насрулло, Сорбон, Ҷӯрабек Муродов, Афзалшоҳи Шодӣ, Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ



Баъзе ҳавасҳои шеър

Ёраро, нурзиғар мардро,
кӯзаӣ?

Назиба, нурзиғар мардро,
кӯзаӣ?

Табардастони лутфи ӯ
зиёданд,

Забардасто, забардаст мардро,
кӯзаӣ?

Лоиқ



Дар акс: қатори 1: Фотеҳ Ниёзӣ, Ибодат Раҳимова, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат; қатори 2: Шавкат Ниёзӣ, Масъуд Муллоҷонов, Аскар Ҳаким, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб, Ҳамроқул Шодиқулов



50-солагии Лоиқ. Убайд Раҷаб ба соҳибҷашн ҷома мепӯшонад



Қоҳир Расулзода,
Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

Устод Лоиқ барои хештаншиносию худогоҳии мардуми тоҷику тоҷикистониён бо эҷоди осори ватандӯстонаи худ мактаберо боқӣ гузоштааст, ки он ҷо ҳар байту мисраъ моро ба эҳтироми марзу буми кишвар, ба расидан ба ваҳдати комил раҳнамоӣ дорад. Ашъори Лоиқ моро ба сӯи маърифат ва дар роҳи расидан ба ҳадафҳои олии ватандориамон чун дастур ва санади қотеъ роҳнамоӣ кард, ки нишонаи бузургиву ватандӯстии шоир аст.



Саидамир Зуҳуров,
ходими давлативу сиёсӣ, генерал-полковник

Лоиқ инсони фаромӯшнашаванда мебошад. Ҳанӯз Гёте қайд намуда буд, ки дар Шарқ файласуфону суханварони бузург Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ ва ба онҳо монанд зиёданд. Рӯзе мерасад, ки номи Лоиқ Шералӣ дар қатори ин бузургони таърихии мо ҷои сазовори худро меёбад.



Ҷӯрабек Муродов,
Ҳунарманди халқии СССР

Тавлиди Лоиқ тақдири миллат буду фавташ талхии ин тақдир. Солҳо мегузаранд, асрҳо сипарӣ мешаванд, вале шеъри баландпарвози Лоиқ чун мавҷҳои пурталотуми Зарафшон ба дилҳо туғён мебахшад, чун лаъли Бадахшон ҷилои нав мегирад ва чун водиҳои зарнисору кӯҳҳои сарбаланди тоҷикон ба олами маъниҳо ғановати тоза ато мекунад.



Гулназар,
Шоири халқии Тоҷикистон

Ман ба эҷодиёти Лоиқ чун ба як адабиёт муносибат дорам. Бурду бохти ӯ бурду бохти як адабиёт аст. Рӯшанӣ ва равонии баён, пеш аз ҳама, зебоии маънавӣ ашъори Лоиқро ангуштнамо ва маҳбуби ҳамагон гардонидааст... Лоиқ бо он ки ҳамроҳони зиёд дошт, дар ин майдон яккатоз буд.



Муҳаммад Ғоиб,
Шоири халқии Тоҷикистон

Хеле хушбахтам, ки ба аввалин китоби ман - «Роҳи деҳа» устод Лоиқ, бехабар аз ман, сарсухан навиштаанд. Вақте ки курс - конференсияи адибон мешуд, устод раиси маҳфил буданд. Ман намедонистам, ки эҷодиётамро кӣ мехонад. Устод гуфтанд, ки навиштаҳоятро бурда ба Гулчеҳра Сулаймонӣ ва Убайд Рачаб пешниҳод кун. Ман гуфтам: “Шеърҳои ман дигар бачагона нестанд. Мехоҳам шеърҳои маро Шумо хонед”. Устод гуфтанд: “Охир ман вақт надорам”. Ман боз истодагарӣ кардам, ки не, худатон хонед. Пурсиданд: “Чаро?”. Ман гуфтам: “Одам афтад, аз баландӣ афтад”. Ин гап писандашон афтиду розӣ шуданд. Ҳар он чизе, ки дигарон дида наметавонистанд, устод медиданд.



Муҳаммадҷон Шакурӣ,
академик

Вақте ки кас шеъри Лоиқро мехонад, гумон мекунад, ки сесаду шаст раги вай ғайрату энергия аст ва ӯ тайёр аст, ки ин ҳамаро дар як лаҳза дар роҳи инсон ва бахту саодати вай ба харҷ диҳад.

Матлубаи Мирзоюнус,
профессор

Лоиқ мачрои шеърро самти дигар бурд... аз мачрои содалавҳӣ ҷонибӣ маъниҳои фирдавсиёнаву хайёмона ва мавлавиёнаву ҳофизона бибурд ва ин ҳамаро бо рӯҳи замони мо чунон омезиш дод, ки кулли ҳаммаслакон ва алоқамандони адабиёт ҳунар ва ибтикорашро эътироф намуданд. Ва, бешак, як марҳилаи тақрибан сисолаи шеъри муосири тоҷикро метавон марҳилаи шеъри Лоиқ номид.



Акбари Турсон,
академик

Лоиқ ҷиҳати офаридани шеъри ғиноӣ (лирикӣ) ба дараҷаи баланди тахассуси шоирӣ расид, аз ҳамасолонаш касе пояи ӯро надошт. Ӯ ба майдони адабиёти нимаи дувуми қарни гузашта ҳамчун шоири тозакор ворид шуд, вале навпардозиҳояш фақат дар эҷоди шеъри озод зоҳир нашудааст. Усулан Лоиқ шоири қолабшикан набуд, аммо шеъраш қолабӣ ҳам набуд. Ба назари ман, дар назми солҳои ҳафтоду ҳаштод тозакориҳои Лоиқ дар он ҳам таҷассум ёфт, ки ӯ мавзуъ ва матлабҳои навро дар қолаби кӯҳнаи шеъри форсӣ, ба вижа ғазал ва рубоӣ бозгӯ карда тавонист.



Темур Зулфиқоров,
нависанда

Ман фикр мекунам, ки Худованд дар рӯйи замин фақат як Шоир офарид, вале ба ӯ номҳои мухталиф ва сарнавишти гуногун дод: дар Русия Александр Пушкин, дар Инглистон Ҷон Гордон Байрон, дар Итолиё Данте Аллегерия, дар Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ...



Усмонҷон Ғаффоров,
профессор

Устод Лоиқ дорои сифатҳои хуби инсонӣ, ба монанди ҳақгӯию сарбаландӣ буданд. Боре надидааму нашунидаам, ки устод Лоиқ назди касе сар хам карда бошанд. Ҳар коре, ки устод Лоиқ анҷом медоданд, барои адабиёт, ҷомеа ва барои миллат буд. Шоире буданд, ки барои халқашон мезистанд. Дасткушодӣ, саховатмандӣ, боҳиммматӣ... аз ҷумлаи сифатҳои начиби устод ба шумор мераванд.

БУЗУРГДОШТИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ ДАР ПАНҶАКЕНТ

Дар шаҳри Панҷакент бахшида ба 85-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ва Ҷоизаи байналмилалии адабии “Нилуфар” Лоиқ Шералӣ чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ баргузор гардиданд.







Чорабиниҳо субҳи 20-уми май аз деҳаи Мазори Шариф - зодгоҳи шоир оғоз ёфта, дар онҳо раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода, адибон, олимон, намояндагони аҳли фарҳанг ва дӯстдорони шеъру адаб иштирок намуданд. Иштирокдорон дар гулгашти ба номи Лоиқ Шералӣ бар пояи ҳайкали шоир гулчанбар гузошта, аз осорхонаи устод Лоиқ ва ёдгории таърихии Мақбараи Хоҷа Муҳаммад Башоро, ки ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО шомил аст, боздид карданд.

Нимаи дуюми рӯз чорабиниҳо дар шаҳри Панҷакент идома ёфтанд. Меҳмонон нахуст дар назди муҷассамаи устод Лоиқ гулгузорӣ намуда, сипас дар Кохи Лоиқ дар конфронси илмӣ-амалӣ ширкат варзиданд. Дар ҳамоиш олимону адибон ва муҳаққиқон аз Душанбе, Хуҷанд ва Самарқанд ширкат намуда, аз нақши арзишманди Лоиқ Шералӣ дар рушди адабиёти миллӣ, эҳёи худшиносии миллӣ ва таҳкими забони тоҷикӣ ёдовар шуданд.

Раиси шаҳри Панҷакент конфронси илмӣ-адабии “Тоҷикистон - мазҳари ман”-ро хусни оғоз бахшид. Ӯ таъкид намуд, ки осори мондагори устод Лоиқ ҳамчун оинаи андеша, ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ барои насли ҷавон аҳамияти бузурги маънавӣ дорад.

Ҳамчунин, мудири шуъбаи робита бо ҷомеаи мақомоти вилояти Суғд Тоҷибой Султонӣ паёми табрикии раиси вилояти Суғд Раҷаб Аҳмадзодаро ба самъи ҳозирин расонид. Дар паём аз ҷойгоҳи баланди шоир дар адабиёти муосири тоҷик ва саҳми ӯ дар таҳкими ҳувияти миллӣ ёдоварӣ гардид.



Дар бахши илмӣ ва адабии конфронс донишмандону адибони шинохта, аз ҷумла профессор Абдунабӣ Сатторзода, профессор Аслиддин Қамарзода, ноиби президенти АМИТ Муҳаммаддовуд Саломиён, шоирони халқии Тоҷикистон Фарзона ва Хайрандеш, инчунин Аҳмадҷон Раҳматзод ва Акбар Абдулло суханронӣ намуда, оид ба таъсири осори Лоиқ Шералӣ ба адабиёти форсизабон ва рушди шеъри муосири тоҷик изҳори назар карданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ ба меҳмонон вежаномаи ҳафтаномаи “Тоҷикистон”, ки ба зиндагӣ ва осори Лоиқ Шералӣ бахшида шудааст, тақдим гардид. Шоми ҳамин рӯз дар Майдони Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази шаҳри Панҷакент барномаи фарҳангию фароғатӣ таҳти унвони “Модар яктост, Тоҷикистон яктост” баргузор шуд. Дар он ҳунармандони маъруфи ҷумҳурӣ ва аҳли адабу фарҳанг бо иҷрои сурудҳо ва қироати ашъори шоир хотири ҳозиринро болида сохтанд.

Қарор аст, ки рӯзи 21-уми май меҳмонон ва иштирокчиёни чорабинӣ аз мақбараи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯди шаҳри Панҷакент боздид намоянд.

О. НОЗИР
Суратгир Суҳроби Зиё
шаҳри Панҷакент



Ба истиқболи 85-солагии шоири бузурги тоҷик, Шоири халқии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ, ҷоизаи ҷаҳонии “Нилуфар” устод Лоиқ Шералӣ ҳафтаномаи “Тоҷикистон” шумораи махсусеро бо унвони рамзии «Ман баъди ҳазор сол меоям боз» бо сифати баланд дар ҳаҷми 20 саҳифа ба табъ расонид. Вежаномаи мазкур фарогири хотираҳо, мақолаҳои таҳлилӣ, мусоҳибаву ёдномаҳо, аксҳои нодир ва ашъоре мебошад, ки чеҳраи устод Лоиқро аз зовияҳои гуногун бозтоб медиҳад ва дар шинохти ҷойгоҳу рисолати шоир дар худогоҳии миллии тоҷикон мусоидат менамояд.

ТАЪРИХИ ЯК АКСИ НОДИР

Шоири ҷавон Насимбеки Қурбонзод акси сиёҳу сафедеро бароям фиристод. Гуфт, ки онро дар китоби “Ҷасорати шоир”-и Бӯрӣ Карим (чопи Маскав, соли 2001) дида ва аз рӯи он акс бардоштааст. Дар акс ман дар канори Лоиқ Шералӣ, Камол Насрулло ва Ортиқи Қодир истода будам. Ин акс хотироти се даҳсола пешро дар зеҳнам зинда кард.

Моҳи майи соли 1995 гурӯҳе аз хабарнигорон, ҳунармандону адибон ва сиёсатмадорону шахсиятҳои мазҳабӣ, ки теъдодашон 83 нафар буд, ба Эрон сафар кардем. Ман он солҳо корманди маҳаллии дафтари хабаргузории ИРНА дар Тоҷикистон будам.

Баҳонаи ин сафар ҳузур дар маросими солгарди даргузашти раҳбари фақиди Ҷумҳурии исломии Эрон Оятуллоҳ Хумайнӣ буд. Он солҳо Сафорати Эрон дар Тоҷикистон ҳар сол гурӯҳе аз аҳли фарҳангу адабу ҳунари кишвари моро ба ин маросими сӯгворӣ мефиристод.

Роҳбарии ҳайати моро профессор Қурбон Расулов (Худо биёмурзад) ва Зафар Икромов бар дӯш доштанд. Бо пофишории аъзои ҳайати тоҷикистонӣ мизбонон моро ба зиёрати оромгоҳи Шайх





Саъдӣ ва Ҳазрати Ҳофиз ба Шероз бурданд. Ғазалхонии Ортиқи Қодир, ҳунарманди маҳбубамон дар канори оромгоҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ва истиқболи гарму пурмеҳри гардишгарони ҳозир дар оромгоҳ аз садо ва шеваи шеърхонии ӯ ҳеҷ гоҳ аз лавҳи хотирам зудуда нахоҳад шуд. Ёд дорам, марди тануманд ва қадбаланди эронӣ, ки Ҳофиз ном дошт, аз мо хост ният кунем, то ӯ аз рӯйи девони Ҳофиз барои мо фол бикшояд. Он солҳо дар кишвари мо ҷанги дохилӣ идома дошт ва орзуи ягонаи ҳамаи мо пойдории сулҳу оромӣ дар Тоҷикистон буд. Фоли мо ба он ғазали Ҳофиз, ки ҳусни матлаъаш ин байт аст, рост омад:

Гар майфурӯш ҳоҷати
риндон раво кунад,
Эзид гуноҳ бибахшаду
дафъи бало кунад...

Он рӯз ҳайати моро ба тамошои Тахти Ҷамшед ё Персеполис ҳам бурданд. Шоири маҳбубамон Лоиқ Шералӣ, ки он вақт 54-сола буданд, дар сафари Шероз ҳайатро ҳамроҳӣ накарданд. Гуфтанд, ки ду сол пеш дар Шероз будаанд ва аз ин рӯ дар Теҳрон мемонанд ва ба дидани Фаридуни Ҷунайдӣ, раиси Бунёди Нишопур мераванд.

Баъд аз бозгашт ба Теҳрон мизбонон рӯзи дигар моро ба тамошои шаҳраки синамоӣ бурданд. Шаҳраки синамоии Ғазолӣ дар ғарби Теҳрон воқеъ буда ва дар соли 1358 (1979) ба ҳиммати Алӣ Ҳотамӣ сохта шудааст. Бахши аслии декори хиёбонҳо ва сохтмонҳои ин шаҳрак марбут ба давраи Ризошоҳ ва авоили давраи подшоҳии Муҳаммадризошоҳ аст, ки барои сохтани филмҳо ва сериёлҳое бо меҳварияти Теҳрони қадим аз онҳо истифода мешавад. Ин шаҳрак яке аз муҳимтарин ҷойҳои дидании Теҳрон аст, ки бо қадам задан дар он гӯё ба замонҳои мухталифи таърих сафар мекунед...

Дар ҷараёни гаштугузор дар ин шаҳрак мо барои хотира акси зиёд гирифтем. Яке аз онҳо акси чаҳорнафарии мо бо зиндаёд устод Лоиқ Шералӣ, Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло ва Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ортиқи Қодир аст. Дар шаҳраки синамоии Теҳрон як акси дигар низ дар канори устод Лоиқ дорам. Дар он акс тасвири 9 нафар дида мешавад: шоирони акнун зиндаёд Лоиқ Шералӣ, Алӣ Бобоҷон, Гулназар Келдӣ, ровӣ ва коргардони овоз Хайрулло Иброҳимов, нависанда Раҷаб Мардон, рӯзноманигор Ҷумъа Мирзо, банда ва ду ҳамсафари дигари мо, ки номҳояшонро мутаассифона фаромӯш кардаам. Ин аксҳои таърихӣ бо шоири бузурги миллат Лоиқ Шералӣ бароям арзиши беқиёс доранд ва онҳоро чун ҳадяи бебаҳо аз сафари 31 сол пеш ба Эрони азиз дар бойгонии шахсиам нигаҳ медорам.

Рӯҳи устоди бузург ва шоири барҷастаю тавонои миллат ҷовидона шод бод!

Суҳроби ЗИЁ,
рӯзноманигор

ЁДЕ АЗ ЛОИҚ Ё «ТОФТАИ ҶУДОБОФТА»

(Аввалаш дар саҳ. 6)

Ё фарёд бармеовард, ки:

Падарамро куштанд,
Осмоно!
Падаро!
Бепадароне падарамро куштанд,
Падари оқилу соҳибназарамро куштанд,
Падари қобилу соҳибҳунарамро куштанд,
Дилу ҷону ҷигарам сӯхт тамом,
Дилу ҷону ҷигарамро куштанд.

Ин лаҳни мустақим, сода ва пур аз эҳсоси Лоиқ, ки мамлу аз дарди даруни синааш буд, бар тоҷикони ҷангдида таъсири махсусе дошт. Ҳарфашро мефаҳмиданд ва паёми суханашро, ки ҳовии шармсорие барои ҷангафрӯзон буд, мегирифтанд ва шармашон меомад, ки ба ҷанг идома диҳанд. Суханаш қудрати ачибе дошт ва мустақиман дар қалб фурӯ менишаст. Дар ҳақиқат ҳунармандони бисёре дар Тоҷикистон ҳастанд, ки дар шеър ва адаб ва дастгоҳҳои мусиқӣ устоданд. Аммо интихоби ман бар асоси наздикии ҳунарманд бо мардум буд ва Лоиқ ҳамеша зиндагӣ ва дарди мардумро бозгӯ мекард ва шигардаш дар самимияти баён буд. Калимот бо мардум фосила надошт, дарди онҳо буд.

Ҳаргиз фаромӯш намекунам, ки Абдунабӣ Сатторзода пас аз аввалин консерти мо бо ман даст дод ва гуфт, мо панҷ сол буд даври миз менишастем ва саъй мекардем мусолиҳа кунем, аммо ҳамин аввалин барномаи фарҳангии шумо муассиртар аз он панҷ сол суҳбат буд, чаро ки забонаш забони фарҳанг ва сулҳи мо буд ва гуфтаҳои зубдаҳои Тоҷикистон.

Бояд бештар аз устод Лоиқ кумак мегирифтам, чун таъсири суханаш бебадил буд. Як силсила барномаҳои суханронӣ дар донишгоҳҳо ва донишсароҳо ва мактабҳои миёна барои Лоиқ танзим кардам ва худам ҳама ҷо барои лаззат бурдан аз шунидани суханонаш ӯро ҳамроҳӣ мекардам. Дар солҳои ахир мутаваҷҷеҳ шудаам, ки яке аз ин барномаҳоро дӯстдорони Лоиқ дар “Фейсбук” гузоштаанд ва тақрибан ҳама дӯстдоронаш ин видеоро дидаанд. Лоиқ даҳҳо аз ин барномаҳоро дар донишгоҳҳо ва пажӯҳишкадаҳо ичро кард. Ҷавонони Тоҷикистон, духтару писар мепарастидаш ва ҳар кучо мерафтем, давраш ҳалқа мезаданд ва илтимоси сухан мекарданд. Ва фақат ҳам ҷавонон набуданд, ҳама ӯро мепарастиданд, ангор медонистанд ҳарфи дилашонро ба шеър мегӯяд, ангор ташнаи суханони зулолу самимона дар маҳкум кардани ҷанг буданд. Барои ду сол (аз 1998 то 2000) ҳар ҳафта бо ман ҳамроҳ мешуд, то ба Ватани худ барои эҷоди сулҳ хидмат кунад ва ба ҷавонон биёмӯзад, ки зиндагӣ чизи дигарест ва ҷанг фақат вайронгар асту бас. Ангор худаш ҳам дар хондани ашъор мегирист ва барои миллаташ орзуҳои бехтареро дар сар мепарварон. Дар «Фарёди бефарёдрас» тамоми ашъораш аз ҷанг ва сулҳ гирдоварӣ шудааст.

Фикри барномаи ҷадидеро кардам, ки ҳунари навозандагии Давлатманд Холро бо ашъори Лоиқ махлут кунам. Давлатманд ошиқи ашъори Лоиқ буд ва бисёре аз он ашъорро ба фалак хонда буд. Ӯ ҳам ба мардум наздик буд ва садои фалакаш онҳоро аз «хоби гарон» бедор мекард. Ва писарашро ҳам ба далели эҳтиромаш Лоиқ номид, ки ӯ ҳам акнун ба навбаи худ аз хонандагони маҳбуби Тоҷикистон аст.

Аз наздикии Давлатманд ва Лоиқ достонҳои зиёдеро шунида будам, ва аз барномаи “Ширу шакар” ва ғайра.

Аз Давлатманд Хол ва Лоиқ Шералӣ тақозо кардам дар рӯзи муайяне ба студияи Телевизиони Тоҷикистон биёянд ва аз Лоиқ хоҳиш кардам шаш бехтарин шеърашро дар мавриди ҷанг ва сулҳ дар мактубе ҳамроҳ биёварад. Аз Давлатманд пурсидам аз миёни 65 дастгоҳи мусиқӣ, ки менавозед, кадомаш барои навохтани зери ашъори ҷангу сулҳи Лоиқ бехтар аст? Гуфтанд ситор (диққат кунед, сетор не, балки ситор, ки навои ғам дорад). Гуфтам лутфан ситоратонро ҳамроҳ биёваред. Аз хибрагони сабт дар радиои Тоҷикистон хоҳиш кардам ба ман кумак кунанд, то як барномаи вижаро сабт кунем. Онҳо ҳам бо саховати ҳамешагии тоҷикон ва ишқашон ба эҷоди сулҳ ва эҳтиромашон ба ин ду ҳунарманди бузург билофосила пазируфтанд.



Дар акс: Лоиқ Шералӣ бо Маъсумаи Турфа

Устод Лоиқ ва устод Давлатманд бехабар аз достон вориди студио шуданд. Аз Давлатманд хоҳиш кардам каме бо ситораш бинавозад ва аз Лоиқ хоҳиш кардам ашъорашро оҳиста-оҳиста рӯйи навои ситор бихонад. Сабт оғоз шуд ва 45 дақиқа бидуни таваққуф идома ёфт. На такрore дар шеърхонӣ шуд, на дар навозандагӣ. Ду ҳунарманди бузург, ки якдигарро хуб дарк мекарданд, эҳтиёҷ ба восита надоштанд, аз тариқи мусиқӣ ва шеър ғами худро аз ҷанг барои якдигар баён карданд. Ва ман ҳам шунавандаи хушбахти ин ҳамовоӣ будам ва боварам намешуд, ки ҳатто як бор ҳам эҳтиёҷ ба такрор набуд! Акнун ин наворро пеши фарзанди устод Давлатманд - Лоиқ Давлатманд Хол ба амонат гузоштаам, ки дар музейи осораш нигоҳдорӣ кунад ва онро бо музейи осори Лоиқ Шералӣ шарик шавад. Эй вой, ки он рӯзҳои ширин барномаҳои “Замзамаи сулҳ ва таронаи ваҳдат” бо натиҷа гирифтани сулҳ ба поён мерасид. Аммо он чӣ басо ширинтар буд, ин ки ба гуфтаи Лоиқ «сулҳи деринтизори мо омад» ва ҳатто дилпазиртар, ки он сулҳ ҳанӯз ҳам побарҷост, зеро бар фарҳанги сутурги тоҷикон ва ишқашон ба Ватан ва фарҳанг устувор аст. Лоиқ ганҷинае абадӣ ва таърихӣ барои баёни ҳамин бузургии фарҳангии тоҷикон аст. Барои ҳамин мепарастемаш. Аммо аз худ суол мекунам, оё мардум бо ҳама ишқе, ки ба ӯ доранд, медонанд, ки ӯ чӣ қадар дар ҷиҳати эҷоди сулҳ кор кард ва чӣ рӯзҳои хастагинопазиреро бо ман аз як маҳал ба маҳали дигар рафт, ки суханронӣ кунад ва шеър бихонад, шояд мардумро ҳушёр кунад? Оё медонанд чӣ қадар барои миллаташ фидокорӣ кард ва чӣ қадар дар ин роҳ бо ҷону дил кӯшид? Шояд ин чанд сатр аз ман равшангар бошад, чун ҳама ҷо барои расонидани паёми сулҳ ҳозир буд.

Ду ҳафта пеш, ки баъд аз бист сол ба шаҳри Душанбе бармегаштам, бар сари мазораш дар оромистони Лучоб рафтам ва ачиб он, ки мазори устод Давлатманд ҳам дур набуд. Бо худам зери лаб замзама кардам: ором бихобед, ки Тоҷикистон ва тоҷиконатон дар сулҳу оромишанд.

Маъсумаи Турфа,
рӯзноманигор

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛОНАИ ҶДММ ТАҚҲ «ГАНҶ МОЛИЯ» БА САНАИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2025

	Эзоҳ	01 январи 2025	31 декабри 2025
ДОРОИҲО			
Хазина	4.1.	-	23 383
Ҳисобҳо барои гирифтан аз дигар бонкҳо	4.2.	-	302 225
Сандуқи қарзии соф	4.3.	-	4 183 891
Дороиҳои дигари ҷорӣ	4.4.		1 139 602
Воситаҳои асосӣ	4.5	-	12 834
Дороиҳои ғайримоддӣ	4.5	-	643 303
Сармоягузорӣ	4.6.	-	3 495 509
Ҳамагӣ дороиҳо		-	**9 800 747**
УҲДАДОРИҲО			
Амонатҳо	4.7		146 028
Фонди умуми аз руи дороиҳои фаъол	4.8	-	83 469
Ҳамаги уҳдадориҳо		-	**229 497**
САРМОЯ			
Сармояи партохташуда	4.10	-	10 000 000
Фоида (зарари) соли ҷорӣ	4.13	-	(428 750)
Ҷамъи сармоя			**9 571 250**
Ҳамагӣ сармоя ва уҳдадориҳо			**9 800 747**

Директор _____ Нуров Абдусамад Асомидинович

Сармуҳосиб _____ Шарипов Сухроб Латифович

ҲИСОБОТ ОИДИ МАҶМӮИ ДАРОМАД

Барои давраи ҳисоботӣ, ки 31-уми декабри соли 2025 ба анҷом мерасад

	Эҳоҳ	2025
Даромади фоизӣ	5.1	375 705
Харҷоти фоизӣ	5.1	-
Даромади софи фоизӣ то ташакулл (баркароркунии) ФПТИ	5.1.	**375 705**
Даромад (харҷот) соф аз ташкили ФПТИ		**(83 469)**
Даромади софи фоизӣ баъд аз ташакулл (баркароркунии) ФПТИ		**292 236**
Фоида/зарар аз амалиётҳои асъорӣ	5.1	-
Даромад (харҷот) ғайрифоизӣ		(6 544)
Харҷоти амалиётӣ	5.1	(811 177)
Даромад (харҷоти) соф аз фаъолияти амалиётӣ		**(817 721)**
Даромад (харҷоти) ғайри амалиётӣ		**96 734**
Фоидаи андозбандишаванда		**(428 750)**
Андоз аз фоида	5.2	-
Фоидаи софи давра		**(428 750)**
Дигар даромади умумӣ:		
Таъсироти азнавбаҳодиҳии амвол		-
Ҳамаги дигар даромади умумӣ		-
Ҳамаги даромади умумӣ		**(428 750)**

Директор _____ Нуров Абдусамад Асомидинович

Сармуҳосиб _____ Шарипов Сухроб Латифович

ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

Барои давраи ҳисоботӣ, ки 31-уми декабри соли 2025 ба анҷом мерасад

	2025
ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ	
Фоидаи (зарари) соф то андозбандӣ	(428 750)
Ислоҳи фоидаи (зарари) соф:	
Харҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо	2 166
Харҷот (фоида) барои ташакулли ФПТИ	83 469
Харҷоти ҳисобкунии захира барои рӯхсатиҳои истифоданашуда	-
Афзуншавӣ\камшавии софи қарзҳои додашуда	(4 173 422)
Афзуншавӣ\камшавии софи дороиҳои дигар	(1 139 602)
Афзуншавӣ\камшавии амонатҳои гирифташуда	146 028
Афзуншавӣ\камшавии софи дигар уҳдадориҳо	-
Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан	(10 469)
Фоизҳои ҳисобшуда барои пардохтан	-
Андоз аз фоидаи пардохташуда	-
Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ	**(5 520 580)**
ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИОНӢ	
Хариди қоғазҳои қиматноки БМТ	(3 495 509)
Хариди воситаҳои асосӣ	(13 550)
Хариди дороиҳои ғайримоддӣ	(644 753)
Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти инвеститсионӣ	**(4 153 812)**
ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ	
Дохилшавии қарз	
Ҳиссагузории муассисон	10 000 000
Ҳаракати софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ	**10 000 000**
Даромад/харҷот аз фарқияти қурби асъор	
Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ	**325 608**
Воситаҳои пулӣ ва эквивалентҳои он дар аввали сол	-
Воситаҳои пулӣ ва эквивалентҳои он дар охири сол	**325 608**

Директор _____ Нуров Абдусамад Асомидинович

Сармуҳосиб _____ Шарипов Сухроб Латифович

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ

Барои давраи ҳисоботӣ, ки 31-уми декабри соли 2025 ба анҷом мерасад

Номгӯи нишондиҳанда	Сармояи пардохта шуда	Фондаи (зарари) софи соли ҷорӣ	Фоидаи тақсимнашаванда	Захираи умумӣ	Ҳамагӣ
Бақия ба 01.01.2025 с.	-	-	-	-	-
Пардохт аз фоида	-	-	-	-	-
Зиёдшавии сармоя	10 000 000	-	-	-	**10 000 000**
Фоидаи (зарари) софи соли 2025	-	(428 750)	-	-	**(428 750)**
Тасҳеҳи фоидаи тақсимнашаванда	-	-	-	-	-
Бақия ба 31.12. 2025 с.	**10 000 000**	**(428 750)**	-	-	9 571 250

Директор _____ Нуров Абдусамад Асомидинович


Сармуҳосиб _____ Шарипов Сухроб Латифович

ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ СОЛОНА ДАР ҲАҶМИ ПУРРА ДАР СОМОНАИ РАСМИИ WWW.GANJMOLIYA.TJ ҶОЙГИР КАРДА ШУДААСТ.

АБРЕШИМИ ДӮСТӢ

Пули адабӣ байни Чину Тоҷикистон

Чанд рӯз қабл (11-14-уми май) сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии мардумии Чин дар сатҳи баланд сурат гирифт. Расонаҳои ҷаҳон аз шарокати стратегии Чину Тоҷикистон менавиштанд ва вохӯриҳову мулоқоти сатҳи баландро инъикос мекарданд. Басо рамзист, ки дар ҳамин шабу рӯз дар Душанбе ду китоби шеър ба чоп рафт, ки дар ҳалқаи пайванди ду кишвари ҳамсоя, ки ба марҳилаҳои нави ҳамкорӣ гом мебардоранд, назир надоранд. Ин китобҳо, ки яке "Абрешими дӯстӣ" ном дорад дигаре "Сию панҷ барги дарахти дӯстӣ" тарҷумаи ашъори шоирони чинӣ ба забони тоҷикӣ ва шоирони тоҷик ба забони чинӣ буда, маҳсули заҳмати шоир ва тарҷумон Иброҳимҷон Дӯстализода мебошад.



Тарҷумон ва мураттиби китоби «Сию панҷ барги дарахти дӯстӣ» Иброҳимҷон Дӯстализода бо гирдоварӣ ва тарҷумаи намунаҳое аз ашъори шоирони бузурги Чин кӯшидааст, то хонандаи тоҷикро бо ҷаҳонбинӣ ва афкори адабии халқи Чин ошно созад.

Худи тарҷумон дар сарсухани китоб таъкид мекунад, ки дар рафти ҳамкорӣ бо ширкатҳо ва мардуми Чин ба хулосае омадааст, ки адабиёт ва фарҳанг арзишҳои муштараки башарӣ доранд. Ӯ менависад, ки чиниҳо низ мисли тоҷикон «бо адабиёт нафас мекашанд» ва махсусан ба шеър муҳаббати вижа доранд.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои маҷмуа гуногунрангии шоирон ва сабкҳои шеъри онҳост. Дар китоб ҳам шоирони классикии давраи Тан, аз ҷумла Ли Бай, Ду Фу ва Ван Вэй ҷой гирифтаанд, ҳам намояндагони шеъри муосири Чин. Масалан, тарҷумаи шеъри маъруфи Ли Бай (701-762) «Суруди боди тирамоҳ» бо оҳанги нарму мусиқии тоҷикӣ хонандаро ба фазои хунангези тирамоҳ мебарад:

Кай муяссарам гардад лаҳзаҳои дидорат,
Имшабу ҳама лаҳза сахт бошадам зистан...

Дар тарҷумаи ашъори Ду Фу (712-770) низ ҳамин ҳассосияти шоирона эҳсос мешавад. Тасвирҳои табиат, танҳоӣ ва ғуруби рӯз бо забони сода, вале таъсирбахш ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд:

Тирамаҳ пок аст, рӯшан чашмҳои мост,
Сояҳо аз дур боло мераванд...

Муҳимтар аз ҳама, тарҷумон кӯшидааст танҳо маънои луғавиро на, балки рӯҳу фазои шеърро низ интиқол диҳад. Дар баъзе мавридҳо ӯ вазну қофияро нигоҳ доштааст ва дар ҷойҳои дигар, барои ҳифзи мазмун, ба шеъри озоду сафед рӯ овардааст. Худи ӯ низ ба душвориҳои тарҷума ишора мекунад ва менависад, ки баъзе тобишҳои маъноии забони чинӣ барои тарҷума мушкиланд.

Аз ҷиҳати мухтаво, маҷмӯа саршор аз мавзуҳои инсонӣ - ишқ, ҳичрон, муҳоҷират, танҳоӣ, ёди ватан ва зебоии табиат аст. Шеъри «Фаромӯш»-и Чен Чою (1933-2025), ки бо ҳузни мусофирӣ олуда аст, ба эҳсоси бисёр хонандагони тоҷик наздик менамояд:

Ба ёд меорам, ки ман мусофирам...

Ё шеъри «Муҳоҷир»-и Юн Хэ (1942-2012), ки муҳоҷирро ба гиёҳи «бемакон» ташбеҳ мекунад, бисёр рамзӣ ва пуртаъсир аст.

Дар китоб шеърҳои кӯтоҳу пурмаънии шоирони муосир низ ҷой гирифтаанд. Аз ҷумла аз Сяо Сюэ (тав. 1935):

Ҳама чароғҳо хомӯшанд,
Танҳо дили ман аст,
Ки то ҳол равшан аст...

Нашри китоби «Сию панҷ барги дарахти дӯстӣ» аз нигоҳи фарҳангӣ аҳамияти вижа дорад. Он на танҳо намунаҳои назми Чинро муаррифӣ мекунад, балки як навъ пули дӯстӣ миёни адабиёти тоҷик ва чинӣ эҷод мекунад. Ҳузури матни асл бо забони чинӣ дар канори тарҷума низ арзиши илмӣ ва омӯзишии китобро боло бурдааст. Дар маҷмуъ, ин китоб барои дӯстдорони шеър, муҳаққиқони тарҷума ва ҳаводорони фарҳанги Чин армуғони беназир аст.

Китоби дуюм, яъне «Абрешими дӯстӣ» баръакси китоби аввал тарҷумаи намунаҳои шеъри муосири тоҷик ба забони чинӣ мебошад. Дар сарсухани китоб ҳам таъкид мешавад, ки ҳадафи асосӣ муаррифии шеъри тоҷик ба хонандаи чинӣ ва таҳкими робитаҳои фарҳангии ду кишвар аст.

Дар ин китоб мутарҷим кӯшидааст шоирони наслҳои гуногуни адабиёти муосири тоҷикро фаро гирад. Аз Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ то шоирони ҷавони имрӯз, ҳама дар як маҷмуа гирд омадаанд. Ин равиш ба хонандаи чинӣ имконият медиҳад, ки дар мавриди шеъри сад соли охири тоҷик тасаввурот пайдо кунад.

Интихоби шеърҳо низ бамаврид аст. Масалан, шеъри машҳури Мирзо Турсунзода:

То тавонӣ, дӯстонро гум макун,
Дӯстони меҳрубонро гум макун...

бо содагӣ ва ҳикмати инсонгароёнаш барои хонандаи хориҷӣ низ фаҳмо ва таъсирбахш аст. Ё шеъри ватандӯстонаи Лоиқ Шералӣ:

Олам ҳама ҷо азиз, лекин бар ман,
Модар яктост, Тоҷикистон яктост.

рӯҳи ватандӯстии тоҷиконро хеле равшан ифода мекунад.

Ҳамин тавр, мутарҷим кӯшидааст, ки шеърҳои Гурухсор, Фарзона, Озар, Толиби Лукмон ва шоирони чавон Шаҳриёр Олимӣ, Бузургмеҳри Ҳаким, Мафтунаи Қосим ва дар умум 50 шоири муосири тоҷикро ба забони чинӣ тарҷума кунад ва бо овардани тарҷумаи ҳолашон онҳоро ба хонандаи чинӣ муаррифӣ намояд.

«Абрешими дӯстӣ» монанди як риштаи абрешимӣ фарҳанги ду миллатро ба ҳам мепайвандад. Маҷмуаи мазкур на танҳо дастоварди як тарҷумон, балки рӯйдоди муҳими фарҳангӣ мебошад. Он метавонад оғози силсилаи нави тарҷумаҳои адабии тоҷикӣ ба забони чинӣ гардад ва барои густариши муколамаи фарҳангии Тоҷикистону Чин хизмат намояд.

Нуктаи муҳимтарин ин аст, ки бори нахуст Иброҳимҷон Дӯстализода шеърҳои шоирони чиниву тоҷикро мустақим аз забони асл, яъне аз чинӣ ба тоҷикӣ ва баръакс аз тоҷикӣ ба чинӣ тарҷума кардааст.

Дар фароварди сухан дар бораи тарҷумон Иброҳимҷон Дӯстализода зикри чанд нуктаро зарур мешуморам.

Сарнавишти Иброҳимҷон Дӯстализода бисёр ғайриодӣ аст. Ӯ аслан хатмкардаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Аз овони мактабхонӣ шеър менавишт, вале сарнавишт ӯро ба роҳи дигар бурд ва ӯ солиёни зиёд аст, ки дар ширкатҳои роҳсозии чинӣ фаъолият дорад ва дар бунёди роҳҳо, пулҳо ва эстакадаҳо дар кишвар саҳм мегузорад. Иброҳимҷон ҳангоми фаъолият бо мутахассисони чинӣ ин забонро аз худ кардааст. Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мебошад ва то имрӯз чор дафтари шеър -«Дуруд фардо», «Мусиқии нафас», «Пайи имдоди гул» ва «Як қадам то худ» нашр кардааст.

Одил НОЗИР

МАВЛУДНОМА

21 МАЙ

Вероника Панова (1926), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

22 МАЙ

Робиа Тағоева (1941), 85-солагии зодрӯзи арбобзани ҳизбию давлатӣ.

Салоҳиддин Фатҳуллоев (1936-2019), 90-солагии зодрӯзи олими фолклоршинос.

Ашӯр Эшмуҳаммадов (1906-1990), 120-солагии зодрӯзи журналист-суратгир, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

23 МАЙ

Алишер Абдуллоев (1951), 75-солагии зодрӯзи файласуф.

Сафар Зайниддинов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Абдуҷаббор Сатторов (1946-2013), 80-солагии зодрӯзи муаррих, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Шуҳрат Султонов (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми сиёсӣ.

Шодимурод Ҷумъаев (1936), 90-солагии зодрӯзи файласуф.

24 МАЙ

Шералӣ Мирзо (1966), 60-солагии зодрӯзи генерал-лейтенант.

Матлуба Азимова (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

25 МАЙ

Акрам Асроров (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика, профессор.

Имомиддин Раҳимӣ (1956), 70-солагии зодрӯзи нависанда.

Абдуҳамид Ҷалилов (1926-2014), 100-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Хусрав Шанбезода (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

Сулаймон Эрматов (1946), 80-солагии зодрӯзи нависандаи ӯзбекзабони Тоҷикистон.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

PRESSA.TJ

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) **93 111 08 87**

МЕФУРӮШАМ

1-ҲУҶРАГӢ

1-ҳуҷрагии фурӯшӣ, 20 м.м., қабати 3, хобгоҳ, (приватизированная), бо тамоми шароиташ, рӯ ба рӯи ф/б "Ширин", 310 000 сомонӣ. Тел.: 982-22-20-11

2-ҲУҶРАГӢ

➔ 2-ҳуҷрагии фурӯшӣ, 87 м.м., қабати 10, бинои 18-ошёна, баъди таъмир, нишонӣ: "Лесная Сказка", бе миёнарав. Тел.: 918-68-02-18

ҲАВЛӢ

➔ Хонаи фурӯшии панелӣ, 4 дар хона, пешайвон, ошхона, 100 м.м., 5 сот. замин, канализатсия, қубури об, тамоми шароиташ дар рӯи ҳавлӣ ҳаст, к. Яккачинор, хонаи 116/2, нишонӣ: 1 Советский, 1 300 000 сомонӣ. Тел.: 014-74-29-29

➔ Ҳавлӣ, 4 дар хона, 7 сот. замин, канализатсия, 1 300 000 сомонӣ. Тел.: 904-50-52-55

ИҶОРА МЕДИҲАМ

2-ҲУҶРАГӢ

➔ 2-ҳуҷрагӣ иҷора дода мешавад, Қарияи Боло. Тел.: 870-70-45-75

2-ҳуҷрагӣ, қабати 4, таъмири нав, бо тамоми шароиташ, танҳо ба оиладорон, барои муддати дароз иҷора дода мешавад, к. Қазоқон, 6000 сомонӣ. Тел.: 909-55-22-11, 980-30-50-50

ҲАВЛӢ

➔ Ҳавлии иҷора, 1 ва 2 дар хона, Гипрозем, собиқ мошинбозор. Тел.: 904-50-52-55

➔ Ҳавлии иҷора, светофори пос. Южный, сари роҳ. Тел.: 931-47-17-13

НИЁЗ ДОРЕМ

➔ Ба ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино муҳаррир-мусаҳҳеҳон ва омӯзгорони забони русӣ ба кор даъват карда мешаванд. Тел.: 909-33-96-36

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучин ва хизматгори хона барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини подъездҳо дар биноҳои навсохт. Тел.: 931-47-17-13

ОМӮЗИШ

Забони англисӣ барои кӯдакон ва занҳо дар хонаи шумо. Тел.: 90-555-47-02

➔ Омӯзгори забони русӣ, барои калонсолон ва кӯдакон, алоҳида (индивидуально). Тел.: 98-543-32-32

ТАЪМИРИ ХОНА

➔ Шпаклёвка, обой, плитка, ламинат, рангмолӣ ва ғайра. Тел.: 98-807-66-64, 917-18-48-46

УСТОИ КАФЕЛ

Устои касбии кафел, сантехник. Тел.: 915-58-71-31

УСТОИ ТАҶҲИЗОТИ САНТЕХНИКӢ

➔ Тамоми намуди корҳои сантехникӣ. Насби таҷҳизоти назорати видеоӣ, қубурҳои оби гарм ва фарши гарм (тёплый пол). Тел.: 939-20-20-37

ТАЪМИРИ ТЕХНИКАИ МАИШӢ

Насби батарея, ванна, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, термексҳо. Тел.: 918-722-822

➔ Таъмири яхдонҳо, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

ГУНОГУН

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

МЕХАРАМ

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаи дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғазпора, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаи ҷомашӯй, мошинаи дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғазпора мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1321611, ба номи Қурбонова Сумая Тоҳировна, ки соли 2025 аз Гимназияи №74-и н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1287169, ба номи Миралиева Омина, ки соли 2024 аз ҷониби МТМУ №66-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, №31324, аз 26.08.2024, ба номи Ғолибшоҳи Толиб, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Лоҳур, деҳаи Гулистон, ки аз ҷониби КДФ “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул дар н. Рӯдакӣ” дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0265966, ба номи Муродова Гулҷаҳон Ашуровна, ки соли 2016 аз ҷониби МТМУ №15-и н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Ҳамён бо ҳуҷҷатҳо гум шудааст: шиносномаи шаҳрвандӣ, ҳуҷҷати ронандагӣ ба номи Саидгуфронзода Оламафруз Парвиз, тақрибан санаи 16.05.2026 соати 19:00 дар таксиҳои мусофирбари Душанбе-ноҳияи Ленин, тамғаи мошин BYD E2, гум шудааст. Нафаре, ки онро пайдо кардааст, хоҳишмандем бар ивази мукофотпулӣ баргардонед. Тел.: 937-200-333

➔ Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти рақами 8Ш-4003, аз санаи 23.08.2012, аз тарафи Нотариуси давлатии н. Синои ш. Душанбе тасдиқ гардидааст, хона воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, хонаи 12/2, квартираи 9, ба номи Меликов Баҳриддин Изатуллоевич, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Шиносномаи техникӣ, сертификати хонаи истиқоматӣ ва Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами 1Ш-1311, аз санаи 02.10.2019, аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Исмоили Сомонии ш. Душабе ба номи Қодирзода Муҳаммадсолеҳ Саидаъзам, хона воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Шафақ, хонаи 80А, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

ФАВРАН ВА ҚИМАТ МЕХАРАМ! КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, БАТАРЕЯҲО, ДАРУ ТИРЕЗА, МЕБЕЛ, КАТИ ХОБ, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА МАСОЛЕҲИ СОХТМОНӢ, ОҲАНПОРА. ТЕЛ. 988-68-68-70, 907-90-45-90, 915-30-30-02, 93-555-12-25

ФАВРАН! ҚИМАТ МЕХАРАМ! ГАРНИТУРҲОИ ХОБ ВА ОШХОНА, ҶЕВОНИ ЛИБОС, ДИВАН, КОНДИТСИОНЕР, ЯХДОН, ҚОЛИН, ВАННАҲО, ДАРУ ТИРЕЗА, ФАРШҲО. ТЕЛ. 918-19-59-92, 907-68-68-10

ФАВРАН! ҚИМАТ МЕХАРАМ! ГАРНИТУРҲОИ ХОБ ВА ОШХОНА, ҶЕВОНИ ЛИБОС, ДИВАН, КОНДИТСИОНЕР, ЯХДОН, ҚОЛИН, ВАННА, ДАРУ ТИРЕЗА, ФАРШҲО. ТЕЛ. 900-35-35-26, 913-49-77-77

➔ Аттестати синфи 11, Т-ШТУ №0219816, ба номи Лолаи Камолиддин, ки соли 2009 аз ҷониби МТМУ №66-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1411206, ба номи Лоиқзода Ҳаким Аҳлидин, ки соли 2025 аз ҷониби МТМУ №66-и н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи ҶДММ "Акрам Иншоот", РЯМ: 0710013178, РМА: 070020265, санаи таъсис 03.03.2025, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ, рақами кадастрӣ 07-015-002151, ба номи Ғолибшоҳи Толиб, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Лоҳур, деҳаи Гулистон, санаи 10.12.2024, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи умумии соҳибкори инфиродӣ ба номи Холбоев Абдулазиз Зокирович, РЯМ: 0730143361, РМА: 075535320, санаи таъсис 13.12.2018, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ ҶДММ «Душанбе Дюти Фри», РЯМ: 0110022935, РМА: 010098513, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Хайридини Тоҷир", РМА: 330009555, РЯМ: 3310006196, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии «Аёмиддин», РЯМ: 3310007800, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Солеҳаи Юсуфҷон", РЯМ: 0710012481, РМА: 0700195281, санаи таъсис 04.03.2024, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

PRESSA.TJ
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Лутфи Лоиқ



На Турсунзодаӣ, на Лоиқ

Бо хости Мирзо Турсунзода чанд тан боя̆д ба муносибати Иди май ба бӯстонсаройи адибон мерафтанд. Он рӯз дар роҳи хиёбони «Ҳофиз» ба шарафи иди бузург пойга мерафт. Роҳҳо баста буданд.

Мошини Турсунзодаро иҷозат доданд. Пас мошини Лоиқ омад. Онро низ рухсат гуфтанд. Пасон мошини адиби дигар омад. Гузар надоданд. Он адиб хеле пурсид, нагузоштанд. Пас ӯ дағалӣ кард:

- Чаро ба он ду мошин рухсат додиву ба ман иҷозат намедиҳӣ?

Нозири роҳ фармуд:

- Дар мошини аввал Мирзо Турсунзода меравад. Дар мошини дувум - Лоиқ. Ту на Турсунзода ҳастӣ, на Лоиқ.

Ман - шаҳрванд

Дар Эрон аз ҳайати меҳмонони тоҷикистонӣ мепурсанд:

Шумо моли кучо ҳастед?

Лоиқ Шералӣ ба ҳамроҳони худ ишора намуда, мегӯяд:

- Инҳо моли Тоҷикистонанд. Аммо ман шаҳрванди Тоҷикистон ҳастам...

«Маргат»

Дар долони нашриёт бо Одина Мирак суҳбат доштем. Як вақт аз ҳучраи кори муовини раис Фарҳоди Карим устод Лоиқ баромад, ки сархушу болидарӯҳ буд.

Ӯ аз Одина Мирак, ки бар асари беморӣ беист чашмак мезад, пурсид: Сабаби «маргат»-ҳояш чист.

- Бепулӣ, - табассум кард Одина. - Одами бепулро иллат бисёр мешавад.

Лутфи Одина ба устод Лоиқ хуш омад, ки баланд хандид. Сипас ҷузвдонашро ба дасти Фарҳод дода, аз бағалкиса як даста пул бароварда.

- Ана, гир! - гуфт ӯ ба Одина. - Барои саломатӣ нӯш!

- Ташаккур! - Одина хандон пулро гирифт.



Аҳмадшоҳи Маҳмадшоҳ

- Устод, ба Аҳмадшоҳ ҳам диҳед, - хотиррасон намуд Фарҳод. - Ин кас бемаранду мебояд барои саломатӣ нӯшанд.

- Ҳа, - беихтиёр даст ба бағалкиса бурд устод, вале пул набароварда. Саросема чузвдонашро аз дасти Фарҳод гирифта, гуфт:

- Рафтем... Вай чӣ хел бемор аст, ки «маргат» намекунад...


Ғамгин нашав

Бо супориши идораи «Ҷавонони Тоҷикистон» мухбири рӯзнома Салими Зарафшонфар ба назди Лоиқ меравад, ки пиромуни кору рӯзгори ҷавонон суҳбате кунанд. Устод серкор будааст. Салим саволномаро ба ӯ дода, меравад ва баъди як ҳафта боз меояд.

- Бо саволномаат шинос шудам, - мегӯяд устод. - Азбаски саволҳо маъқул нашуданд, онро даронда, ба сабадча партофтам.

Сипас нигоҳи маҳзунонаи ӯро ба сабадчаи коғазҳои нодаркор пай бурда, ин тавр таскинаш медиҳад:

- Ғамгин нашав, Салимҷон, саволномаи Баҳманёр ҳам он ҷо хобидааст.



Сорбон

Маст бошу бош!

Нозири роҳ сутта ба мошини Лоиқ рост кард ва канори роҳро намуд, то ӯ бездорад чаҳорчархаашро. Лоиқ дар миёни роҳ дошт мошинро ва ба нозири роҳ гуфт: «Маст ҳастам». Чун нозир пеш омада, Лоиқро шинохт, даст ба чакка бурда, ду по ба ҳам зад ва фармуд:

- Маст бошу бош, устод!

Дурӯғ нест

Боре Шодӣ Ҳаниф изҳор медорад, ки дар бозии шоҳмот хеле моҳир аст.

- Ман ҳатто аз падарам мағлуб нашудаам! - мегӯяд ӯ бо иддао.

Ин худситоӣ устод Лоиқро водор месозад ба қувваозмоӣ.

- Ако, бозиатон кирои таъриф нест-ку? – табассум мекунад устод Лоиқ, вақте ҳариф бори панҷум ҳам заҳри мағлубият мечашад.

- Шумо гуфтед, ки ҳатто аз падаратон... Аммо...

- Дар ҳақиқат имрӯз суст бозӣ кардам, – иқрор мешавад Шодӣ Ҳаниф. - Лекин гапам дурӯғ нест. Падарам раҳматӣ шоҳмотбозиро намедонистанд...

СОЛУМ

8-уми майи соли 1991 ҳамроҳи падарам Ашӯр Сафару устод Лоиқ Шералӣ меҳмони хоҷагии Миралӣ Маҳмадалиев шудем. Раис ба ҷуз базме, ки бегоҳ дар боғаш ороста буд, пагоҳаш дар теппаҳои хушманзари сарҳади ноҳияи Восеъ ва Совет (ҳозира Темурмалик) ҷои нишасту майдони қувваозмоӣ тайёр намуда, бо дегҳои қатор мардуми зиёдеро ба ифтихори Рӯзи Ғалаба (он вақт «Наврӯзӣ» гуфтан мамнуъ буд) ва асосан, ба хотири шоири номдор Лоиқ Шералӣ ба гӯштӣ даъват карда буд. Рафтем. Меҳмононро сари мизу харакҳои худсохт даъват карданд.



Гурез Сафар

Ману устод Лоиқ барбабар дар як кунҷи харак менишастем, раису падарам дар байни харак буданд.

Гӯштӣ сар шуд. Солум аз чойнаку паласчаҳо шуру шуда, то соату телевизор расида буд ва гӯштӣ оҳиста-оҳиста ранг мегирифт. Мардуми зиёде ғун меомад. Теппаҳо пур аз тамошобин шуда буд. Нохост раис Миралӣ аз ҷо хеста, гуфт:


- Чӣ хеле мебинем, иҷа меҳмони олиқадри мо Лоиқ Шералӣ ҳозирай, ки мову шумо аз ин ифтихор дорем. Ма як гова ҳамчун солум бе гӯштин ба ӯ тақдим мекунум.

Мавҷи қарсаки мардум то осмон печид. Устод Лоиқ аз ҷо бархоста, гуфт:

- Раҳмат, Раисбобо! Аммо ман дар Душанбе ҷои нигоҳубини говро надорам. Хӯрду хӯрокашро намегӯед? Аз ин рӯ, ман говро ба Мавлоно Ашӯр Сафар бахшидам. Дар хонаи ӯ истад, мо як бор-ним боре омадем, аз шираш ширчой мехӯрему аз қуруташ қурутоб.

Падарам Ашӯр Сафар гуфт:

- Ман говро ҳамчун солум ба гӯштин мегузорам. Ду паҳлавони зӯрат бароед, касе зад, ошаш шавад гов. Барои Лоиқшо як бор-ним бор чӣ, сад бор, ки биёяд, ширу қурут меёбем.


Лоик Шералӣ
لایق شیرعلی
1941-2009